آواز تاجیک

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

Рўзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рўзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

23 апрели соли 2022
Шанбе
№ 32 (14837)

сайт http://ovozitojik.uz/,
e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# ЗАМИНИ ҚАШҚАДАРЁ ДАР ОСТОНАИ ДИГАРГУНИҲОИ АЗИМ



**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ба мақсади шинос шудан бо рафти корҳои созандае, ки дар маҳалҳо татбиқ мегарданд, лоиҳаҳои бузург ва мулоқот бо халқ 12-13 март ба вилояти Қашқадарё ташриф овард.**

22 апрел дар шаҳри Қаршӣ сессияи ғайринавбатии Шўрои депутатҳои халқи вилояти Қашқадарё баргузор гардид.

Дар он Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев иштирок карда, нутқ эрод намуд.

Сарвари давлат дар оғози суханронии худ ҳозиринро бо фарорасии моҳи шарифи Рамазон табрик гуфт. Президент таъкид кард, ки вилояти Қашқадарё дар рушди мамлакатамон нақши муҳим мебозад.

– Дар вохўрии пешазинтихоботии 11 октябри соли гузашта мо якҷоя бо шумо оид ба рушди Қашқадарё ва беҳтар гардондани ҳаёти одамон дар панҷ соли оянда вазифаҳои бузург гузошта будем, – гуфт Президент. – Дирўз аз субҳ то шом дар Қашқадарё гашта, бо одамон вохўрдам ва кўшиш кардам, дарк намоям, ки: оё одамон ба нақшаҳои мо бовар мекунанд, дигаргуниҳоро ҳис мекунанд? Чи тавр ба ин ноил шудан мумкин аст? Ба мо роҳбари фидокор лозим аст, ки халқро дўст дорад ва онҳоро муттаҳид намояд. Вақте ки ҳокими фидокор меояд, одамон инро дарҳол ҳис мекунанд.

Сарвари давлат таъкид кард, ки дар айёми душвори имрўза ба имконоти дохилӣ такя карда, аз он самаранок истифода бурд.

– Дар он ҷое, ки роҳбари хирадманд кор мекунад, натиҷааш ба чашм мерасад. Роҳбарӣ кардан ба Қашқадарё – минтақаи аҳолиаш беш аз 3,5 миллион нафар кори осон нест. Дарёфти чунин роҳбар низ осон нест. Қашқадарё дорои сарватҳои зеризаминӣ, заминҳои ҳосилхез, мардуми меҳнатдўст аст. Фақат одамонро муттаҳид кардан, бо онҳо китф ба китф истодан ва софдилона меҳнат кардан лозим аст. Одамон ҳокимро ҳоким мекунанд, онҳо оинаи кори ў мебошанд. Агар дар депутатҳои маҳаллӣ, калонсолон ва ҷомеа ҳисси дахлдорӣ мавҷуд бошад, рушди Қашқадарё суръат мегирад, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Дар сессия масъалаи ташкилӣ баррасӣ гардид. Сарвари давлат Азимов Муротҷон Бердиалиевичро, ки аз моҳи ноябри соли 2021 вазифаи иҷрокунандаи ҳокими вилояти Қашқадарёро бар ўҳда дошт, ба вазифаи раҳбари вилоят тавсия намуд.

М. Азимов соли 1976 дар ноҳияи Китоби вилояти Қашқадарё таваллуд шудааст. Ҳамчун прокурори вилояти Бухоро, муовин ва муовини якуми прокурори генералӣ, раиси Кумитаи давлатии гумрук шуда кор кардааст.

Депутатҳои халқӣ, собиқадорони меҳнат, занону ҷавонон ба сухан баромада, номзадро дастгирӣ намуданд. Бинобар натиҷаи овоздиҳӣ Муротҷон Азимов ҳокими вилояти Қашқадарё тасдиқ гардид.

Дар сессия самтҳои асосӣ ва вазифаҳои рушди маҷмўии вилоят баррасӣ гардид.

Солҳои охир дар вилоят корҳои азим ба ҷо оварда шуданд. 25 декабри соли гузашта дар ноҳияи Ғузор заводи «Uzbekistan GTL» оид ба истеҳсоли сўзишвории синтетикӣ ба кор даровarда шуд. Татбиқи лоиҳаи васеъ гардондани Маҷмўи газу кимёи Шўртан оғоз ёфт.

Дар доираи барномаҳои давлатӣ соли равон ба Қашқадарё беш аз 1,5 триллион сўм ҷудо карда шуда, сохтмон ва таҷдиди 2,8 ҳазор километр шабакаи муҳандисиву коммуникатсионӣ ва 160 объекти соҳаи иҷтимоӣ идома доранд.

Президент дар нутқи худ ба вазифаҳои дарпешистода ва мушкилоте, ки ҳаллашонро интизоранд, таваҷҷуҳ зоҳир намуд.

Ҳамин тариқ, танҳо 43 фоизи аҳолии вилоят бо оби ошомидании мутамарказ таъмин карда шудаанд. Ин масъала махсусан дар ноҳияҳои Косон, Деҳқонобод, Ғузор, Қамашӣ хеле тезутунд аст. Дар соҳаҳои таъминоти газу барқ, роҳҳои дохилӣ, нақлиёт, кишоварзӣ ва сектори бонку вом низ мушкилот вуҷуд доранд.

108 муассисаи тиббӣ, 172 мактаб ва 144 кўдакистони вилоят бояд таъмир карда шаванд. Дар бисёр боғчаҳои бачагона ва мактабҳо низоми гармидиҳӣ аз кор баромадааст. Дар 19 мактаб мизони давомот баланд буда, ҷойҳо намерасанд.

Ба ин муносибат муайян карда шуд, ки соли равон аз буҷаи ҷумҳуриявӣ барои беҳдошти соҳаи иҷтимоӣ ва инфрасохтор дар Қашқадарё иловагӣ 360 миллиард сўм ҷудо карда хоҳад шуд, ба нақша гирифта шудааст, ки 100 миллион доллар қарзҳои имтиёзноки институтҳои байналмилалии молиявӣ равона карда шаванд.

Таъкид гардид, ки имрўз дар вилоят 350 ҳазор нафар ба кор ниёз доранд, ки дар заминаи низоми нави маҳаллабайъ онҳоро бояд ба соҳибкорӣ, ҳунармандӣ ва хонакорӣ ҷалб кард.

Гарчанде вилоят иқтидори бузурги саноатӣ дошта бошад ҳам, ҳиссаи саноат дар маҳсулоти умумии минтақавӣ ҳамагӣ 18 фоизро ташкил медиҳад.

Ба ин муносибат барнома барои солҳои 2022-2023 ташаккул ёфтааст, ки аз 270 лоиҳаи саноатии арзишаш 14,7 триллион сўм иборат аст.

Лоиҳаҳои бузург аз қабили баланд бардоштани иқтидори нерўгоҳи барқии обии Талимарҷон, бунёди нерўгоҳи барқии офтобӣ дар Ғузор, ба кор андохтани кластери масолеҳи сохтмон дар Деҳқонобод ва Қамашӣ, заводи симон дар ноҳияи Китоб оғоз гардидаанд.

Бо қарори Президент, ки ба қарибӣ имзо шуд, ҷудо намудани 45 миллион доллар барои маблағгузории лоиҳаҳои тиҷоратӣ дар Қашқадарё ба назар гирифта шудааст.

Зикр гардид, ки дар соҳаи кишоварзӣ бо таъсиси 286 ҳазор ҷойҳои корӣ 524 лоиҳа ба маблағи умумии 7,4 триллион сўм татбиқ хоҳад шуд.

Аз ҷумла, беш аз 40 ҳазор гектар замин аз нав ба истифодабарӣ дароварда мешавад. Дар 20 ҳазор гектар бунёд кардани боғҳои анор пешбинӣ шудааст. Барои бо об таъмин намудани ноҳияҳои Яккабоғ, Чироқчӣ, Қамашӣ, Шаҳрисабз ва Китоб обанбори сели «Аёқчисой» сохта мешавад. Лоиҳаҳои ҷамъоварии меваю сабзавот аз заминҳои наздиҳавлӣ, чорводорӣ ва парвариши коврак дастгирӣ карда мешавад.

Дар вохўрӣ ба рушди инфрасохтори иҷтимоӣ ва беҳтар гардондани шароити манзилии аҳолӣ таваҷҷуҳи хоса дода шуд.

Соли равон дар Қашқадарё 143 манзили бисёрошёна барои 5 ҳазор хонадон ба истифода дода мешавад.

Сохтмони 1 823 километр шабакаи таъминоти оби нўшокӣ ва 1 570 километр роҳҳои дохилӣ, барқарор намудани таъминоти газ дар манзилҳои беш аз 9 ҳазор нафар ба нақша гирифта шудааст.

Дар доираи барномаи «Деҳаи обод» ва «Маҳаллаи обод» имсол 30 маҳаллаи аҳолинишин обод карда мешавад.

Оид ба сохтмони муассисаҳои таълими томактабӣ ва мактабҳо, марказҳои тиббӣ, пурмазмун ташкил кардани вақти ҷавонон супоришот дода шуданд.

Роҳбарони масъул ба депутатҳо дар бораи корҳои оид ба иҷрои вазифаҳои афзалиятноки аз ҷониби Президент гузоштагшуда ҳисобот доданд.

Сарвари давлат бо шаҳрвандоне, ки аз студияҳои шаҳрӣ ва ноҳиявӣ пайваст шудаанд, суҳбат карда, пешниҳодҳои онҳоро дастгирӣ кард.

Пас аз ин Президент Шавкат Мирзиёев бо фаъолияти корхонаи муштараки «UzShoes» дар минтақаи хурди саноатии шаҳри Қаршӣ шинос шуд.

Дар Қашқадарё чарми хом бисёр аст. Сарвари давлат дар рафти сафари пешинааш ба вилоят дастур дода буд, ки он барои истеҳсоли маҳсулоти чармӣ истифода шавад. Пас аз он дар вилоят чор лоиҳа ба кор дароварда шуд.

Аз ҷумла, корхонаи «UzShoes» дар ҳамкорӣ бо тоҷирони Белорус аз ҳисоби ҷалби сармоя ба микдори 6 миллион доллар бунёд шудааст. Дар ин ҷо таҷҳизоти Олмон, Италия ва Австрия насб гардида, 350 ҷойи корӣ таъсис дода шудааст.

Иқтидори истеҳсолии корхона дар як сол 500 ҳазор ҷуфт пойафзол мебошад. Имрўз барои мардон, занон ва бачагон 10 намуди пойафзори чармин тайёр карда мешавад. Маҳсулоти мазкур ба туфайли сифат ва тарҳрезии худ ба осонӣ маҳсулоти воридотиро иваз мекунад.

Дар баробари ин пойафзори истеҳсоли Қаршӣ дар беш аз 100 мағозаи кишварҳои Аврупо фурўхта мешавад. Бо кишварҳои ҳамсоя ва Ҳиндустон дар бораи содирот созишҳо ба даст оварда шудаанд.

Сарвари давлат раванди тайёр кардани пойафзорро аз назар гузаронда, бо занони дар ин ҷо коркунанда суҳбат кард.

Ҳамчунин маросими тақдимоти лоиҳаи таълими варзишӣ баргузор гардид. Вазири рушди варзиш аз рафти иҷрои вазифаҳое, ки сарвари давлат 1 апрел дар ҷаласа оид ба рушди варзиши оммавӣ миёни ҷавонон ба миён гузошт, ҳисобот дод.

Ба шахсони масъул дастур дода шуд, ки мутахассисони хориҷиро ҷалб карда, селексия ва раванди таълимро дуруст ба роҳ монанд.

Бо ҳамин сафари Президент Шавкат Мирзиёев ба вилояти Қашқадарё ба анҷом расид.

**Зиёдулла ҶОНИБЕКОВ,**
**Абдулазиз МУСАЕВ,**
**Ўлмас БАРОТОВ,**
**мухбирони ЎзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

**Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**

## Дар бораи ба вазифаи ҳокими вилояти Қашқадарё таъин кардани М.Б.Азимов

Мувофиқи банди 15 моддаи 93 ва моддаи 102-юми Конститутсияи Ҷумҳурии Ўзбекистон, инчунин қарори Шўрои намояндагони халқи вилояти Қашқадарё **Азимов Муротҷон Бердиалиевич** ба вазифаи ҳокими вилояти Қашқадарё таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Ш.МИРЗИЁЕВ**
*Шаҳри ТОШКАНД, 22 апрели соли 2022.*

***Фикри депутат***

## МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТИИ БЕХАТАР, МУРАТТАБ ВА ҚОНУНӢ

***Инсон аз рўйи табиати худ кўшиш мекунад, ки барои илм гирифтан, кор кардан ва умуман зиндагӣ кардан имкониятҳои нав пайдо кунад. Барои одами орзуманд бошад, тамоми дунё майдони имкониятҳост. Аз ин рў, дар ҷаҳони ҷаҳонишавии имрўза раванди муҳоҷират густариш меёбад. Тибқи маълумоти Созмони байналмилалии муҳоҷират (СБМ), аз се ду ҳиссаи муҳоҷирони хориҷӣ, муҳоҷирони меҳнатӣ мебошанд.***

Муҳоҷират ин на танҳо берун кардани шаҳрвандон ба як сў, балки як зарурати муҳим дар дунёи ҷаҳонишавӣ низ мебошад. Ин худ як содирот аст. Ба мамлакати мо омада, кор кардани мутахассисони пешсаф аз мамлакатҳои пешқадами ҷаҳон ин як ҳолати табиӣ гардид. Дар Ўзбекистон соҳибкороне, ки аз кишварҳои сарватманд омада бо тиҷорат, истеҳсол ва хидматрасонӣ машғуланд, зиёданд.

Мисолҳои таърихӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки давлатҳо ва ҷомеаҳои пўшида дар натиҷаи дуршавӣ ё пурра канда шудан аз ҷаҳон, талафотҳои зиёд дидаанд.

Таҷрибаи муҳоҷир шудани кадрҳои тайёр, пас аз хатми таълимгоҳ, дар бисёр кишварҳо оммавӣ шудааст. Давлати Филиппин, ки дар фиристодани муҳоҷирони корӣ пешсаф аст, мисоли ин мебошад. Шаҳрвандоне, ки аз кишвар берун мераванд, бояд донишу малакаҳои муайян дошта бошанд ва то ҳадди имкон забон омўзанд.

Бо таъсири омилҳои гуногун муҳоҷирати меҳнати ғайрирасмӣ дар тўли солҳо афзоиш ёфтааст. Оқибатҳои бетаваҷҷуҳӣ ба соҳа, нарасидани ғамхории давлатӣ ба ҳолатҳои аз ҷиҳати қонун муҳофизат накардани шаҳрвандон оварда расонд. Ҳатто масъалаҳои одиро ба эътибор нагирифтанд. Ҳолатҳое буданд, ки ба ҷойи фароҳам овардани шароит ба муҳоҷирони меҳнатӣ, ба онҳо бо чашми бад менигаристанд.

Солҳои охир таваҷҷуҳ ба муҳоҷирати меҳнатӣ дар кишвари мо ба самти устувори сиёсати давлатӣ табдил ёфт. Муносибат ба шаҳрвандонамоне, ки дар хориҷа кор мекунанд, ба куллӣ тағйир ёфт. Алоқа бо муҳоҷирони меҳнатӣ ба роҳ монда шуда, низоми нави омўзиш, ҳалли мушкилот ва ниёзи оилаҳои онҳо ҷорӣ карда шудааст.

Дар соҳа як қатор корҳои амалӣ ба ҷо оварда мешаванд. Аз ҷумла, дар таркиби Вазорати шуғли аҳолӣ ва муносибатҳои меҳнатӣ Агентии муҳоҷирати меҳнати хориҷӣ таъсис дода шуд, ки бевосита ба таъмини ниёзҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва моддии муҳоҷирони меҳнатӣ масъул аст.

Марказҳои таълимӣ ва касбомўзии муҳоҷирон, омўзиши забонҳои хориҷӣ на танҳо дар кишвари мо, балки дар хориҷи кишвар низ таъсис дода шудаанд. Барои ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандони мо фаъолияти агентиҳо ва консулхонаҳо ба роҳ монда шуд. Барои расонидани ёрии моддӣ ба шаҳрвандони камбизоат фонди махсус ташкил карда шудааст.

Хурсандиовар аст, ки низоми ғамхорӣ нисбати муҳоҷирони меҳнатии аз ҷиҳати иҷтимоӣ камбизоат, ки ба кишвар баргаштаанд, таъсис дода шудааст. Алалхусус, барои ҷудо кардани лоиҳаи кории квоташуда ва мусоидат ба шуғли онҳо, таҷрибаи расонидани кумаки моддӣ дар шакли субсидия ва грант аз Фонди давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ ҷорӣ карда шуд.

Ҳамкории ба ҳамдигар фоидаовари мамлакатамон бо мамлакатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои бонуфузи байналхалқӣ вусъат ёфт. Аз ҷумла, моҳи ноябри соли 2018 Ўзбекистон ба Созмони байналмилалии муҳоҷират, ки тақрибан 180 кишвар узви ин ташкилот мебошад, аъзо шуд.

Сари вақт қабул шудани қарори Президентамон аз 1-уми марти соли ҷорӣ «Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба дастгирии шаҳрвандони Ҷумҳурии Ўзбекистон ва оилаҳои онҳо, ки дар хориҷа муваққатан кор мекунанд», аҳамияти калон дорад.

Дар ин ҳуҷҷат дастгирии моддии шаҳрвандон ва оилаи онҳо, ки муваққатан дар хориҷа меҳнат мекунанд, пешбинӣ шудааст. Аз ҷумла, аз 1 июни соли 2022 дар минтақаҳои дахлдори Федератсияи Русия, Туркия ва Қазоқистон 12 муассисаи намояндагии Агентии муҳоҷирати меҳнати хориҷии назди Вазорати шуғли аҳолӣ ва муносибатҳои меҳнатӣ ҷорӣ карда мешавад.

Аз 1 майи соли ҷорӣ тибқи тавсияи ёварони ҳоким ба оилаҳое, ки дар сохтори иттилоотии «Феҳристи ягонаи ҳифзи иҷтимоӣ» ба қайд гирифта шудаанд, кумаки якдафъинаи моддӣ ба маблағи 2 баробари миқдори ҳисоби базавӣ дода мешавад.

Барои харидани доруворӣ, аробачаҳои маъюбӣ, воситаҳои шунавоӣ ва маснуоти ортопедӣ ба аъзоёни оилаи маъюб, ки дар сохтори иттилооти «Феҳристи ягонаи ҳифзи иҷтимоӣ» ба қайд гирифта шудаанд, ё ба яке аз дафтарҳо: «Дафтари оҳанин», «Дафтари занон» ва «Дафтари ҷавонон» дохил карда шудаанд, кумаки якдафъинаи моддӣ ба маблағи 5 баробари миқдори ҳисоби базавӣ дода мешавад.

Дар раванди ташаккули бозори меҳнат қонунҳои Ҷумҳурии Ўзбекистон «Дар бораи шуғли аҳолӣ» ва «Дар бораи Агентии хусусии шуғли аҳолӣ» ҳамчун заминаи мустаҳками ҳуқуқӣ ва омили муҳими баланд бардоштани некўаҳволии аҳолӣ хидмат мекунад.

Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Ўзбекистон ва Қонун «Дар бораи муҳоҷироти меҳнати хориҷӣ», ки барои такмил додани қонунгузории меҳнат тибқи талаботи замон пешбинӣ шудаанд, аз тарафи Палатаи қонунгузорӣ қабул гардида, барои тасдиқ ба Сенат фиристода шуд.

Хулоса, дар кишвари мо барои муҳоҷирати меҳнатӣ, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон, дастгирии ҳамаҷонибаи ҳамватанон дар дигар кишварҳо муҳити комилан нав ва низоми устувор ба вуҷуд меояд. Мақсад якто – ба роҳ мондани низоми бехатар, муратаб ва қонунии муҳоҷирати меҳнатӣ, сарфи назар аз он ки дар кадом кишвар меҳнату зиндагӣ мекунад, гиромӣ доштани ҳар як шахс, ба рўйи об баровардани саъю кўшиш ва мақсадҳои неки онҳо.

**Фирдавс ШАРИПОВ,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

***Дар бораи баланд бардоштани маданияти китобхонӣ, ташаккул додани маънавияти мардум то ин дам Сарвари давлат Шавкат Мирзиёев чандин фармон ва қарорҳои муҳимеро қабул кард, ки ин ҳама ба ғанӣ гардонидани фарҳангу маънавият хидмат мекунанд. Бо мақсади иҷро намудани чунин қарорҳо ба миқёси ҷумҳурӣ «Ҳафтаи китобхонӣ» ташкил гардида, саросари кишвари офтобии мо доман паҳн мекунад.***

## «ҲАФТАИ КИТОБХОНӢ»

### муташаккилона мегузарад

Дирўз дар Хонаи фарҳанги ноҳияи Фориш дар доираи «Ҳафтаи китобхонӣ» чорабинии фарҳангӣ доир гардид, ки барои баргузории он ҳокимияти ноҳия ва Маркази ахбору китобхона саҳм гирифтанд. Ҳунарпешаи халқии ҷумҳурии Ўзбекистон Гавҳар Зокирова, узви Иттифоқи нависандагон, нависанда Обиддин Маҳмудов, доктори фалсафа оид ба улуми сиёсӣ Абулҳасан Нуримон Абдураҳим, шоира Сабина Бобомуродова ва дигарон ташриф оварда, ба гирдиҳамомадагон, ки асосан аз кормандони ҷодаи маънавияту маърифати мактабҳо ва хонандагони фаъолу эҷодкор иборат буданд, дар бораи аҳамияти китобу китобхонӣ ҳарф заданд. Дар ин чорабинӣ тарғиби китоби «Фарзандднома» ва намоиши саҳнаҳои хурд аз рўзгори шоиру нависандагони маъруф Чўлпон ва Ойбек низ сурат гирифт.

Дар мактабҳои вилоят намоиш ва савдои китобҳои гуногуни бадеӣ созмон ёфт, ки идома дорад.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

## СИЁСАТИ ИҶТИМОИИ ЎЗБЕКИСТОН ДАР МАРКАЗИ ТАВАҶҶУҲИ РАСОНАҲОИ ИМА

***Маҷаллаи амрикоии «Eurasianet» таҳти унвони «Ўзбекистон: Хонаҳои бачагона таҳти назорати ҷиддии давлат пароканда шуданд» бахшида ба ислоҳот дар низоми васояту парасторӣ мақолаеро нашр кардааст.***

Нашрия бо истинод ба хонаводаи Валиевҳо аз вилояти Фарғона, ки кўдакони аз Хонаи шафқат гирифташударо нигоҳубин мекунад, менависад, ки пас аз эътибор пайдо кардани фармони Президент дар бораи аз нав дида баромадани низоми ғамхорӣ ба ятимон ва бачаҳои бепарастор як қатор муассисаҳо дар тамоми Ўзбекистон пўшида шуданд.

«Барои Валиевҳо, ки аллакай чаҳор фарзанди худро доштанд, ба фарзандӣ гирифтани панҷ кўдак – се писару ду духтар таҷассуми орзуи дерина буд»,– омадааст дар мақола.

Қайд карда мешавад, ки гузариш аз муассисаҳои давлатӣ ба паногоҳҳои хурд деринтизор буд. Роҳбарияти Ўзбекистон ин соҳаро ба сифати авлавияти амнияти миллӣ муайян карда, мушоҳидаи додани бачаҳо аз ятимхонаҳо ба оилаҳои парасторро ба зиммаи Гвардияи миллӣ вогузор кард.

Гвардиячиён дар давраи тарбия ва раванди ҳаёти меҳнатии бачаҳо «ҳимоятгари маънавӣ«-и онҳо хоҳад шуд.

«Гвардиячиён бо тафтиши ҳармоҳаи паногоҳҳои нави хурд маҳдуд намешаванд, – гуфта мешавад дар мақола. – Оилаҳои парастор барои ҳар як кўдак дар як моҳ тақрибан 220 доллар мегиранд ва кўдакон низ бо либос пурра таъмин карда мешаванд».

Таъкид мегардад, ки аллакай аз 12 вилоятҳои Ўзбекистон ва Ҷумҳурии Қароқалпоқистон дар чортоаш ҳамаи хонаҳои давлатӣ барои кўдакони аз 7 сола то синни балоғат барҳам дода шуданд. Созмони бачагонаи СММ – ЮНИСЕФ ҳамчун ташаббускори кўчондани сокинони муассисаҳои бузурги бачагона ба ҷойҳои хурдтари ҷамъиятӣ баромад мекунад.

«Бо вуҷуди ин, раванди реинтегратсия бояд хуб ба нақша гирифта шавад, ҳам кўдакон, ҳам оилаҳои онҳо дар тўли тамоми раванд дастгирӣ карда шаванд» – мепиндорад ЮНИСЕФ.

**АИ «Дунё»,**
*ВАШИНГТОН.*



*Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Navpromlitmash»-и шаҳри Навоӣ, ки соли 2007 таъсис шудааст, аввал бо истеҳсоли маводи сохтмон шуғл варзида бошад, баъдтар истеҳсоли маҳсулоти самти мошинсозиро азхуд кард. Дар натиҷа истеҳсоли ғилофакҳои барқии мисиву алюмин ва таҷҳизоти кашандаи қабурғадор ба роҳ монда шуд.*

***Дар акс:*** *Дар ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Navpromlitmash»-и шаҳри Навоӣ.*

***Аксбардор: С. АСЛОНОВ. ЎзА.***

# ЎЗБЕКИСТОН СОҲИБИ ЛОИҲАҲОИ КАЛОНИ МУШТАРАК ГАРДИД

***Ўзбекистон дар миёни ИДМ ба унвони кишваре муаррифӣ гардид, ки дар мавриди истеҳсоли муштараки филмҳо ба сабади бузургтарин лоиҳаҳо соҳиб мебошад. Дар ин бора ба "Овози тоҷик" хидмати матбуоти Агентии кинематография хабар дод.***

Бино ба ин манбаъ дар маҷлиси машваратии Кумитаи иҷроияи ИДМ, ки аз тариқи онлайн дар Тошканд баргузор гардид, роҳбарони киностудияҳои Ўзбекистон, Озарбойҷон, Тоҷикистон, Арманистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Белорус, Молдова ва Русия иштирок карданд. Дар он намояндагони Кумитаи иҷроияи ИДМ, коршиносони соҳаи истеҳсоли синамо, вакилони вазорату идораҳои ин кишварҳо ҳузур доштанд. Дар ҷараёни он натиҷаҳои кори муштарак ҷамъбаст гардида, дурнамои ҳамкориҳои байни тавлидкунандагони индустрияи синамо эълон шудааст.

– Мо аз ташаббуси муттаҳид кардани кинематографистони кишварҳои ИДМ бо хушҳолӣ истиқбол мекунем ва омодаем лоиҳаҳоеро, ки ба муттаҳидсозии минбаъдаи офаридани филмҳои кишварҳои мо нигаронида шудаанд, дастгирӣ кунем. Нигаҳ доштани фазои ягонаи башардўстона ва фарҳангӣ яке аз авлавиятҳои ҳамкорӣ барои кишварҳои Иттиҳод боқӣ хоҳад монд,– гуфт директори департаменти ҳамкориҳои башардўстона, мушкилоти умумии сиёсӣ ва иҷтимоии Кумитаи иҷроияи ИДМ Алексей Сазонов.

Иштироккунандагони маҷлиси машваратӣ ба ҳайси намояндагони киностудияҳо лоиҳаҳоеро пешниҳод кардаанд, ки ба ҳамкории тарафайн нигаронда шудаанд. Ҳамин тариқ, ҳайати Ўзбекистон таҳти роҳбарии директори генералии Агентии кинематография Фирдавс Абдухоliқов дар бораи лоиҳаҳои ҷорӣ маълумот додааст. Ба гуфтаи ў ин лоиҳаҳо бо Озарбойҷон – «Хоҷа Насриддин», бо Тоҷикистон – «Ҷомӣ ва Навоӣ» ва «Ситораи нопадид», бо Русия – «Туҳфаи Пери», «Барон» ва «Таъми офтоб» ва панҷ филми мустанад, бо Белорус – «Казбек» ва «Ўзбек», бо Қазоқистон – «Ҳамсояҳо» ва «Эшелонҳо ба Шарқ мераванд» ва «Коркутота» мебошанд.

Гуфта мешавад, бо шабакаҳои телевизионии Русия – "Культура" ва "РТР" як қатор филмҳои мустанад, аз ҷумла дар мавзўи Мероси фарҳангии Ўзбекистон офарида шудаанд.

Ногуфта намонад, ки дар маҷлиси машваратӣ раиси Агентии кинематографияи Ўзбекистон натиҷаҳои Фестивали 13-уми байналмилалии синамои Тошкандро муаррифӣ карда, нақшаҳои ҷашнвораи 14-умро ба ҳамтоёни худ эълон намуд, ки моҳи сентябри соли ҷорӣ баргузор мешавад.

Дар ҳошияи ҷашнвораи дарпешистода ва Рўзҳои синамои ҷаҳонӣ, ки аллакай ба ҳукми анъана даромадааст, ташаббуси ташкили бозори филми кишварҳои ИДМ дар фазои он низ ба миён омад. Намояндагони 10 кишвари ҷаҳон сатҳи баланди баргузории Фестивали байналмилалии синамои Тошкандро дар соли 2021 қайд намуда, онро намунаи беҳтарини баргузории чорабиниҳои синамо дар кишварҳои ширкаткунанда тавзеҳ намуданд. Ҳайати Ўзбекистон ҳамчунин хабар дод, ки дар ин рўзҳо дар Тошканд нахустин ҷашнвораи филмҳои аниматсионӣ ё тасвирӣ баргузор мешавад.

Қобили зикр аст, ки филми тасвирии «Хоҷа Насриддин» аз тарафи ширкати Bazelevs ва бо иштироки Ўзбекистон, Русия ва Қазоқистон офарида мешавад. Дар бораи эҷоди ин филми аниматсионӣ дар ҳошияи ҷашнвораи байналмилалии синамои Тошканд ёддошти тафоҳум ба имзо расидааст.

Дафтари матбуоти агентӣ ба он маънӣ низ тазаккур медиҳад, ки таҷрибаи мусбати ҳамкориҳои агентӣ ва кишварҳои узви ИДМ, аз ҷумла, дар самти ташкили истеҳсоли муштараки филмҳо боиси қайд мебошад. Директори генералии «Тоҷикфилм» Маҳмадсаид Шоҳиён зимни суханронӣ гуфтааст, лоиҳаҳои муштарак ҳеч гоҳ ин қадар босуръат пеш нарафтааст.

– Дар як муддати кўтоҳ мо аллакай як қатор вохўриҳо ва гуфтушунидҳои ташкилиро гузарондем ва ҳоло гурўҳи якҷояи сенариянависони мамлакатҳои мо дар болои филмҳо кор карда истодааст, – иброз доштааст Маҳмадсаид Шоҳиён.

– Мо аз он хушнудем, ки дар филми аниматсионии «Хоҷа Насриддин» бо Агентии кинематографияи Ўзбекистон ҳамкорӣ оғоз кардем, зеро ў қаҳрамони муштараки миллии мо мебошад. Мо аз Ўзбекистон барои муколама ва ҳамкориҳои судмандаш изҳори сипос мекунем, – изҳор намудааст Нозим Ҳусейнов, директори Студияи давлатии "Озарбойҷонфилм" ба номи Ҷаъфар Ҷабборлӣ.

Бино ба дафтари Агентии кинематографияи ҷумҳурӣ иштироккунандагони маҷлиси машваратӣ ҳамзамон харитаи роҳҳои худро барои ду соли оянда пешниҳод кардаанд.

Иштирокчиёни он дар бораи баровардани коллексияҳои тиллоии филми мамлакатҳои узви ИДМ ва намоиши онҳо аз тариқи шабакаҳои телевизиони миллии худ низ мубодилаи афкор намуданд. Инчунин, ба миён омадани ташаббусҳо оид ба ташкили базаи ягонаи иттилоотии мутахассисон ва табодули коршиносон, воридшавии муштарак ба бозори байналмилалии синамо ва фестивалҳои синамо нуфузи ин маҷлисро хеле боло бурдааст.

Ин ҷо ҷаласаи IV Шўрои мудирони киностудияҳои кишварҳои ИДМ ва Гурҷистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи синамо ёдоварӣ шудааст, ки охири моҳи марти соли ҷорӣ дар Душанбе баргузор гардид. Бар асоси он Ассотсиатсияи байналмилалии эҷодии киностудияҳои кишварҳои узви ИДМ ва Гурҷистон таъсис ёфтааст, ки қароргоҳаш дар Тошканд мебошад ва Фирдавс Абдухолиқов бо як овоз раиси ин ташкилот интихоб шуд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори**
**"Овози тоҷик".**

# БОҒИ МАВЗЎИИ ШАРҚИИ ФАРОҒАТӢ БО ИШТИРОКИ ШИРКАТИ ФАРОНСАВӢ ТАШКИЛ КАРДА МЕШАВАД

***Дар Ўзбекистон бо кумаки ширкати маъруфи фаронсавии «Horwath HTL - Voltere by Egis» боғи мавзўии донишҳои «SILK ROAD LAND» таъсис дода мешавад.***

Қарордод оид ба тайёр кардани асосҳои техникиву иқтисодии рушди боғи мавзўӣ байни муаллифони лоиҳаи оилаи фароғатии боғи дониш Гулчеҳрабегим Маҳмудова ва ширкати фаронсавӣ бо мусоидати Вазорати сайёҳӣ, мероси фарҳангӣ ва сафорати Ўзбекистон дар Париж ба имзо расид.

Лоиҳаи боғ дар доираи Форуми байналмилалии сармоягузории Тошканд, ки дар охири моҳи март баргузор шуд, муаррифӣ гардид ва бисёре аз сармоягузорони хориҷӣ аз кишварҳои қадқади Роҳи абрешим ба франчайзинги он таваҷҷуҳ зоҳир карданд.

Лоиҳа ба баланд бардоштани иқтидори сайёҳӣ ва таълимии Ўзбекистон бо истифодаи имконияти технологияҳои навтарини 3D ва низоми аниматсионӣ, инчунин фароҳам овардани миқдори зиёди ҷойҳои корӣ, аз он ҷумла, дар соҳаи ҳунармандии халқию миллӣ ва рўйдодҳои таърихии театрикунондашуда нигаронда шудааст.

Мувофиқи лоиҳа «SILK ROAD LAND» ба нақша гирифтааст, ки аз маркази Роҳи бузурги абрешим – Ўзбекистон оғоз намояд, баъдан дар кишварҳои дигар фрайчайзинг боз намояд.

Ҳайати Фаронса, ки аз гурўҳи мутахассисони ширкати «Voltere by Egis» иборат аст, ба нақша гирифтааст, ки дар рўзҳои наздик ба Ўзбекистон барои созмон додани лоиҳаи визуалии Боғи оилавии фароғатии арзишу донишҳои ҷаҳонӣ – «Entertainment EduPark» – «SILK ROAD LAND», ки ҳамчун лоиҳаи ўзбекистонӣ дар портфолио ва форумҳои «LAAPA» – Ассотсиатсияи байналмилалии паркҳои фароғатӣ ба қайд гирифта шудааст, ташриф оваранд.

«Horwath HTL - Voltere by Egis» аз ширкатҳои маъруфи банақшагирии стратегия, тадқиқоти бозор ва таҳияи лоиҳаҳои инфрасохтори сайёҳӣ мебошад. Ба портфели ин ширкат боғҳои «Disney», «Astur» ва «Kidzania», инчунин дигар иншооти фароғатӣ ва сайёҳии саросари ҷаҳон дохил мешаванд.

**АИ «Дунё»,**
*ПАРИЖ.*

# ДОМАНИ ҲАМКОРИҲО ВАСЕЪТАР МЕГАРДАД

***Ҳокими вилояти Фарғона Хайрулло Бозоров бо роҳбари ширкати эронии "Mr.Fish" Шафеъ Ғулом Ризо ва сармоягузор Катаюн Беҳзод дидору мулоқот анҷом дод. Ин ширкат тасмим гирифтааст, ки дар соҳаи кишт ва коркарди гиёҳҳои шифобахш бо ин вилоят ҳамкорӣ кунад. Инчунин таъсиси як муассисаи таҳсилоти олӣ дар Фарғона низ дар ҳамкорӣ бо Донишгоҳи озоди Теҳрон дар ин мулоқот муҳокима шуд.***

– Масъалаҳои оид ба рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ, сармоягузорӣ ва иҷтимоии вилояти Фарғона ва Ҷумҳурии Исломии Эрон имрўзҳо дар меҳвари гуфтугўҳои мо қарор гирифтааст. Зимни мулоқот мо масъалаи таъсиси як муассисаи олии таълимӣ дар Фарғонаро баррасӣ кардем, ки он беш аз як миллион донишҷў дорад. Ин муассисаи олӣ дар раддабандии 500 донишгоҳи беҳтарин дар ҷаҳон қарор дорад. Мо дар ин замина низ созишномаи ҳамкорӣ имзо кардем, – мегўяд Хайрулло Бозоров.

Дар ростои ҳамкориҳои миёни ду кишвар маҳз миёни ҳокимияти вилояти Фарғона ва ширкати эронии "Mr.Fish" оид ба лоиҳаи парвариши гиёҳҳои шифобахш ва коркарди пурраи маҳсулот дар ноҳияи Бозатови Қароқалпоқистон, ки ба вилояти Фарғона вобаста карда шудааст, созишнома ба имзо расид.

Маълум шуд, ки дар соли 2022, дар марҳилаи аввали татбиқи лоиҳа, ки аз ҳисоби сармоягузории мустақими хориҷӣ ба маблағи 2 миллион доллар дар 500 гектар амалӣ мегардад, 160 ҷойи кори доимӣ ва 500 ҷойи кори мавсимӣ таъсис дода мешавад. Дар солҳои наздик дар натиҷаи татбиқи марҳилаи дуюми лоиҳа боз 4500 гектар мавриди баҳрабардорӣ қарор хоҳад гирифт.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири "Овози тоҷик".**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

**Дар Китобхонаи миллии Ўзбекистон ба номи Алишер Навоӣ гуфтугўйи кушоди илмӣ-амалӣ оид ба мавзўи «Масъалаҳои муҳим, таҳлил, пешниҳод ва роҳҳои ҳалли рушди адабиёти бачагона» нишасти матбуотӣ баргузор гардид.**

# Сафи китобхонони ҷавон меафзояд

Дар чорабинӣ адибон, шоирон, намояндагони соҳаи таълими халқ, аҳли санъат, донишҷўён ва намояндагони воситаҳои ахбор ширкат варзиданд.

Дар он таъкид гардид, ки китоб манбаи дониш аст. Бидуни омўхтани асарҳои шоиру нависандагони бузург ҳеч кас шахс соҳиби маънавияти баланд шуда наметавонад. Хуб медонем, ки ҳамаи мутафаккирони мо, осори бузургони пешинро хондаву омўхтаанд. Мақсад аз ин гуфтаҳо он аст, ки мо бояд барои китобхон шудани насли наврас эътибори алоҳида диҳем.

Дар нишасти матбуотӣ номзади илми филология, адабиётшинос Раҳматулло Баракаев таъкид намуд, ки дар муассисаҳои таълими ҳамагонӣ хонандагонро ба китобхонӣ бештар ҷалб намоем. Дуруст аст, ки дар мактабҳо тарғибу ташвиқи китобдўстдориву китобхонӣ дар ўҳдаи омўзгорон мебошад. Омўзгорони забон ва адабиёт, таърих дар рафти омўзиши дарсҳо вобаста ба мавзўъ хонандагонро ба хондани ин ё он китоби бадеӣ ё илмиву таърихӣ тарғиб намоянд. Омўзгори фанҳои дигар низ аз рўйи масъулият бояд ин гуна тарғиботу ташвиқотро ба роҳ монанд.

– Китобхона аз ҳаррўза серодам аст. Боиси хушнудист, ки сафи китобхонони ҷавон торафт меафзояд. Ба хонандагони ҷавон мутолиаи китобҳои шавқовар, дорои аҳамияти тарбиявиро тавсия мекунам. Дар китобхона натанҳо китобҳои бадеӣ, балки рўзномаву маҷаллаҳо, маҷмўаҳо барои хурдсолон мавҷуд аст, – мегўяд директори Китобхонаи миллӣ Умеда Тешабоева.

Дар поёни чорабинӣ мушоираи шоирон баргузор гардид.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

## ХАБАРҲО

### ЧОРАБИНӢ ДАР МАҲАЛЛАҲОИ ПОЙТАХТ

***Таҳти ташаббуси якҷояи Агентии кор бо ҷавонон ва Гвардияи миллӣ дар маҳаллаи "Авиасозҳо"-и ноҳияи Яшнободи пойтахт чорабинии ҳарбӣ-ватанпарварӣ, варзишӣ ва фарҳангӣ баргузор гардид.***

Мақсад ҳифзи аҳолӣ, хусусан ҷавонон аз таъсири ғояҳои ба маънавияти мо бегона, фаро гирифтани қалб ва зеҳну тафаккури фарзандон бо ҳисси муҳаббат ба ватан, садоқат ба ғояҳои истиқлол ва арзишҳои миллию умумиинсонӣ.

Ба чорабинӣ баромадҳои ҷолиби ансамбли суруд ва рақси "Наврўз"-и назди Филармонияи давлатии Ўзбекистон файзи дигар бахшид. Аз рўйи тенниси рўйи миз, шашкаву шоҳмот ва камонварӣ мусобиқаи варзишӣ доир ва ғолибон бо туҳфаҳо тақдиронида шуданд. Намоиши китобҳои бадеӣ, айни замон, эътибори иштирокдоронро ба худ кашид. Ин гуна тадбирҳо таҳти шиори "Қадам ба ояндаи дурахшон – бо маҳаллаи худам", ки қабл аз ҳама ба пурмазмун гузаронидани вақти холии ҷавонон нигаронида шудаанд, дар дигар маҳаллаҳои навоҳии пойтахт низ муташаккилона гузаронида мешаванд.

### "ГУЛҲОИ ҲАЁТ" – ДАР БОҒЧАҲОИ ЗАМОНАВӢ

***Тамоми ҷабҳаҳои Ўзбекистони Нав ба майдони бузурги ислоҳоту дигаргунсозиҳо табдил ёфтааст. Дар ин ҷараён навсозиҳо дар сохтори таълим, ки яке аз соҳаҳои муҳими ҳаёти иҷтимоист, бештар эҳсосшаванда аст.***

Бинои муассисаи давлатии таълими томактабии рақами 49-ум, воқеъ дар ноҳияи Янги ҳаёти пойтахт, куллан ба навсозӣ фаро гирифта ва ба истифода супурда шуд. Бинои барҳаво ва замонавии ба ҳар гуна қулаиҳо таъмин дар як вақт метавонад 450 нафар хурдтараконро ба бар гирад. Барои таъмиру тармим 22 миллиарду 149 миллион сўм сарф гашт. Ташкилоти давлатии таълими томактабӣ бо намуд, таҷҳизот ва тарзи таълиму тарбия имрўзҳо аз ягон муассисаи хусусии таълимӣ монданӣ надорад. Наздик 70 фоизи "гулҳои ҳаёт" аз маҳаллаи Марҳамат ба он ҷалб карда шудаанд.

Назар ба маълумотҳо, дар ноҳия ҷамъ 10763 нафар кўдакони синни томактабӣ ба рўйхат гирифта шуда бошанд, аз ин 5348 нафар ба муассисаҳои таълими томактабӣ фаро гирифта шудаанд.

### ИСТИФОДА АЗ ХИДМАТҲОИ ДАВЛАТӢ БА ВОСИТАИ ТЕЛЕФОН

Дар асоси фармони Президент аз 20 апрели соли равон дар бораи содасозии хидматрасонии давлатӣ эътиборан аз 1 август баҳри аниқ кардани шахсе, ки аз хидматҳои давлатӣ истифода бурданист, сохтори Мобил-ID ҷорӣ карда мешавад. Истифодабарандагони сохтори Мобил-ID бо нагузоштани имзои рақамноки электронӣ метавонанд аз хидматҳои давлатӣ истифода баранд. Хидматҳои молиявӣ аз ин мустасност. Дар истифода аз 38 навъ хидмати давлатӣ ба ҷойи имзо телефонҳои мобилӣ кўмак карданашон мумкин.

**М.ШОДИЕВ,**
**мухбири**
**"Овози тоҷик".**

*Сехи наботпазие, ки дар хонаҳои бекорхобидаи канори шаҳри Олмалиқ ташкил гардид, ҳоло қариб даҳ нафарро бо кор таъмин намудааст. Он, ки номи «Нурнабот»-ро гирифтааст, ҳоло аз навъҳои «дурнабот» ва «дегнабот» рўзе то 1,5 тонна маҳсулот истеҳсол менамояд. Дар қадами аввал барои маҳаллиҳо наботпазони қўқандӣ кумак мерасонанд, баъдан дар ин ҷо истеҳсоли макарон ва ҳалво низ роҳандозӣ гардад.*

***Аксбардор: Т. ХОВАРӢ.***



# «ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ – ҶАМЪИЯТИ БОМАЪРИФАТ»

***Дар чаҳорчўбаи иҷрои Барномаи давлатии "Гиромидошти қадри инсон ва маҳаллаи фаъол" Маркази маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ дар Маркази матбуоти миллӣ бахшида ба сарҳисоби корҳое, ки дар шаш моҳи гузаштаи соли ҷорӣ аз ҷониби марказ амалӣ гардиданд ва нақшаҳои ояндаи он нишасти матбуотӣ баргузор намуд.***

Таъкид гардид, ки дар шаҳру вилоятҳои ҷумҳурӣ бахшида ба корҳои маънавию маърифатӣ, васеъ тарғиб намудани тамоилҳои кушодадилӣ ва инсонпарварӣ, дар амал татбиқ намудани консепсияи "Ўзбекистони Нав – ҷамъияти бомаърифат" як қатор чорабинӣ, нишастҳои маънавию фарҳангӣ ташкил карда шуданд. Барои васеъ баргузор намудани "Ҷашнвораи маънавият", ки таҳти шиори "Ҷавонон – бунёдкорони Ўзбекистони Нав" тарҳрезӣ шудааст, 15 лоиҳа тасдиқ гардид. Бахшида ба ин мавзўъ роликҳои иҷтимоӣ, маводҳои тарғиботӣ омода карда мешаванд. Инчунин ба чоп омода намудани китоби "Қаҳрамонҳои Ўзбекистон" бо алифбои лотинӣ бо теъдоди 11 ҳазор нусха ва бо алифбои кириллӣ бо теъдоди 13 ҳазор адад ба нақша гирифта шудааст. Моҳи майи соли ҷорӣ гузарондани тақдимоти китоби "Маънавият – луғати эзоҳии асосӣ" пешбинӣ гардидааст.

– Корҳои тарғиботӣ таҳти мавзўъҳои "Касби худро эҳтиром намуда…", "Думбираи ман", "Мактаби матонат", "Зарварақҳои таърих" аллакай оғоз ёфтанд, ки чунин чорабиниҳо баҳри ҳифзи арзишҳои миллӣ, ба ҷавонон фаҳмондани моҳияти онҳо хидмат мекунанд. Дар минтақаҳо байни аҳолӣ барои омўхтани ҳолати иҷтимоиву маънавии онҳо дар асоси ғояи "Маърифат бар зидди ҷаҳолат" гузаронданӣ пурсишномаҳо ба нақша гирифта шудааст. Ба сифати намуна чунин чорабинӣ дар шаҳри Чирчиқи вилояти Тошканд бо ҳамкории ходимони Институти тадқиқотҳои иҷтимоӣ-маънавии назди Маркази маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ гузаронда шуд,– гуфт ҷонишини роҳбари Маркази маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ Фурқат Ҷўрақулов.

**С.БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори**
**"Овози тоҷик".**

# НАМОЯНДАГОНИ АҲЛИ ДИНИ ЎЗБЕКИСТОН ДАР МОҲИ ШАРИФИ РАМАЗОН БА ИМА САФАР МЕКУНАНД

***Аз 20 апрел то 2 май дар моҳи шарифи Рамазон, ки рамзи накўӣ, дилсўзӣ ва меҳрубонӣ маҳсуб меёбад, намояндагони аҳли мусулмони Ўзбекистон ба ИМА сафар мекунанд.***

Дар рафти сафар, ки аз ҷониби сафоратхонаи Ўзбекистон дар Вашингтон якҷоя бо Идораи мусулмонон ташкил карда шудааст, имомҳо ба шаш шаҳри Амрико, ки дар он ҷо ҳамватанони мо зич зиндагӣ мекунанд ва таҳсил мегиранд, ташриф меоранд.

Интизор меравад, ки дар рафти сафар намояндагони аҳли дин бо ҳамватанон, фаъолон ва роҳбарони диаспораҳои миллӣ мулоқот баргузор намуда, дар масҷидҳои маҳаллӣ оид ба арзишҳои ҳақиқии дини ислом ва покии маънавӣ, муқовимат бо ифротгароӣ, ақидаҳои экстремистӣ дар байни ҷавонони ўзбек, ки дар ИМА зиндагӣ мекунанд, маъвизаҳо мегўянд. Ба ғайр аз ин иштироки имомхатибҳо аз Ўзбекистон дар ифторҳои байниконфессиявӣ бо намояндагони доираҳои расмӣ ва ҷамъиятӣ, ҷамоатҳои динии Иёлоти Муттаҳида, ки дар Сафоратхонаи кишварамон дар Вашингтон баргузор мегарданд, ифтитоҳи расмии масҷидҳое, ки бо ташаббуси ҳамватанони мо сохта шудаанд, пешбинӣ гардидааст.

Дар доираи буду боши имомхатибони Ўзбекистон дар Иёлоти Муттаҳида инчунин дар Департаменти давлатии ИМА ва Комиссияи ИМА оид ба озодии байналмилалии дин мулоқоту музокироти ҷудогона брифинг дар майдони маркази таҳлилии Институти дунёи ИМА оид ба чорабиниҳои пеш бурдани таҳаммулпазирии ислом ва муқовимат ба ғояи радикализм ва экстремизм баргузор мегарданд.

Имомҳо ҳамчунин аз маркази «ADAMS», макони барҷастаи ибодатгоҳи мусулмонони Амрико дар соҳили шарқии ИМА дидан хоҳанд кард, ки ба беш аз панҷ ҳазор оила дар Вирҷиния бо доираи васеи хидматҳо, аз ҷумла таълими ибтидоии исломӣ ва арабӣ ва дарсҳои махсус барои кўдакон хидмат мерасонад.

Боздиди имомхатибон ба гуфтаи дипломатҳои ўзбек имкон медиҳад, ки миёни намояндагони аҳли дини ду кишвар дар бахшҳои маърифати маънавӣ, омўзиши забони арабӣ, пажўҳиш ва ҳадисшиносии муштарак, инчунин ташкили сафарҳои зиёратӣ ба Ўзбекистон робитаҳои мустақим ба роҳ монда шавад.

**АИ «Дунё».**

ЧЕҲРАҲОИ ИЛМУ АДАБ

# ЁДИ ИНСОНИ НЕК

**Ба муносибати 130-солагии зодрӯзи донишманди маъруфи тоҷик Тӯрақул Зеҳнӣ**

Тӯрақул Нарзиқулов – мутахаллис ба Зеҳнӣ яке аз чеҳраҳои илму адаби Самарқанд ба шумор меравад. Ӯ моҳи апрели соли 1892 дар деҳаи Галаосиёи Самарқанд ба дунё омада, аввал дар мадрасаи Тиллокорӣ, сипас дар курси яксолаи омӯзгорӣ таълим гирифт. Баъди хатми он ба фаъолияти омӯзгорӣ пардохт. Ӯ аз солҳои 20-уми асри XX ба майдони илму адаб қадам гузошт ва дар ташкили рӯзномаю маҷаллаҳои нахустини тоҷикӣ: “Овози тоҷик”, “Бедории тоҷик”, “Раҳбари дониш”, таълифи китобҳои дарсӣ дир ба сарфу наҳви забони тоҷикӣ саҳми назаррас гузошт. Дар ин ҷода аз пайравони устод Айнӣ буд. Тӯли солҳои 1936-1945 ӯ дар Омӯзишгоҳи омӯзгории Самарқанд ва Донишгоҳи давлатии Ӯзбекистон аз забони форсӣ дарс гуфтааст.

Мутаассифона, ин марди соҳибмаърифат низ дучори тӯҳмату дасисабозиҳои нотавонбинон гардида, умраш муддате дур аз ватан, дар маҳбасҳои Сибиру Қазоқистон сипарӣ гардид. Ниҳоят ӯ ба озодӣ баромада, аз солҳои 50-ум то поёни умраш дар Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Фарҳангистони улуми Тоҷикистон ба ҳайси ходими адабӣ як қатор асарҳои илмӣ офарид ва сазовори дараҷаву унвонҳои илмӣ гардид. Бахусус, асари пурмуҳтавои ӯ “Санъати сухан” дар омӯзиши таърихи суханварӣ ва санъатҳои бадеӣ дар шеъри тоҷик таълифоти пурбаҳоест. Зеҳнӣ ҳамчун донандаи хуби забонҳои тоҷикӣ, ӯзбекӣ ва русӣ бо эҷоди бадеӣ ва тарҷума низ машғул шудааст.

Устод Зеҳнӣ гарчи аз солҳои 50 дар Душанбе зиндагӣ мекард, аз Самарқанд дур набуд. Ҷавонону духтаронеро, ки аз Самарқанд ба Душанбе барои таҳсил мерафтанд, дастгирӣ мекард. Худаш низ тез-тез ба Самарқанд омада, дар бахши суханшиносии тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд аз санъати бадеӣ дарс мегуфт, бо дӯстонаш дар мулоқоту суҳбатҳо мешуд, ба эҷодкорон маслиҳатҳои муфид медод.

Бо дархосту пофишории як гурӯҳ равшанфикрон соли 1963 дар радиои вилоятии Самарқанд шуъбаи тоҷикӣ таъсис дода шуд. Равоншод Салим Кенҷа, инҷониб, Муайяна Хоҷаева ва Азиза Юсуфова кормандони бахши тоҷикӣ будем. Хушбахтона, чанд нафар мухбирони фаъол низ доштем, ки яке аз онҳо Фарҳод – писари Тӯрақул Зеҳнӣ буд.

Рӯзе баъди таҳияи гуфторҳо тараддуди баргаштан доштам, ки акои Фарҳод ҳарсосзанон ба утоқи корӣ даромада гуфт:

– Хайрият, шуморо дар ҳамин ҷо пайдо кардам, вагарна лозим меомад, ки ба хонаатон равам.

Аз гуфтораш маълум буд, ки аз чизе хурсанд аст.

– Ҳа, тинҷӣ, Фарҳод?

– Муждагонӣ медиҳед.

Сари роҳ акои Фарҳод гуфт, ки падараш аз Душанбе омадаасту шуморо дидан мехостаанд. Дар маҷаллаи «Машъал» ҳикояам чоп шуда будааст у он кас бо ман мулоқот карданӣ будаанд...

Ин хабар, албатта, маро хурсанд кард.

Дар хона устод сари дасторхон дар даст маҷаллаи «Машъал» моро истиқбол намуданд.

– Ана ҳамин кас муаллифи ҳикоя – Мулло Аслиддин, – маро ба устод



шиносонд акои Фарҳод.

Устод Зеҳнӣ маро бо нашри ҳикояи “Дар лаби ҷар”, ки дар журнали мактабиёну наврасон “Машъал” (шумораи 5, моҳи майи соли 1963) чоп шуда буд, табрик намуда, нусхаи онро, ки дирӯз аз Душанбе овардаанд, ба ман доданд. Ба устод барои лутфу марҳаматашон арзи сипос намудем. Суҳбатамон сари як пиёла чой қӯр гирифт. Устод ба таърифи устодони донишгоҳ Талъат Абдуҷабборов, Раҳмон Эгамбердиев, Мирсафо Атоев сухане чанд гуфтанд. Номи устод Мардонқул Муҳаммадқуловро низ ба забон гирифтанд.

Рӯзи дигари ин суҳбат ман ба Мардонқул Муҳаммадқулов хабари бо Зеҳнӣ вохӯрданам, дар хонаашон меҳмон шуданам ва аз он кас ба дастам расидани шумораи нави журнали «Машъал»-ро расондам. Устод Мардонқул Муҳаммадқулов гуфтанд: «Хуб мешуд, ки он касро ба хона биёред». Ташнаи суҳбати аҳли адаб, ки будам, ин хабарро фавран ба домулло Зеҳнӣ расонидам.

Устод Мардонқул дар хона моро хеле хуш пазируфтанд. Бо устод Зеҳнӣ мисли додару бародар оғӯш кушода вохӯрданд. Ҳини суҳбат маълум гардид, ки устод Мардонқул баъди чанд духтар ҳамон рӯзҳо писардор шуда будаанд ва номи писаррашонро бо маслиҳати Мирзо Турсунзодаю Боқӣ Раҳимзода Сӯҳробҷон гузошта будаанд. Ба шарафи таваллуди Сӯҳробҷон зиёфат оличаноб шуд. Домулло Зеҳнӣ суҳбатро бо суханони гарму нарм тафсониданд...

Бо дархости падарам, баъди чанд рӯз устод Мардонқул бо домулло Зеҳнию акои Фарҳод меҳмони хонадони мо низ шуданд. Бо падарам суҳбат ороста, ёди овони шубоб карданд. Камолоти моро орзу карда даст ба дуо бардоштанд.

Тирамоҳи ҳамон сол дар Душанбе курс-конференсияи адибони ҷавон барпо гардид. Бо ташаббус ва саъю эҳтимоми Мардонқул Муҳаммадқулов, ки он вақт масъули шуъбаи вилоятии Иттифоқи нависандагон буданд, аз Самарқанд Болта Ортиқов, камина ва Бекназар Аҳмадов ба ин анҷуман даъват шудем. Инҷониб бори аввал ба Душанбе сафар мекардам...

Бегоҳии ҳамон рӯз дар меҳмонхонаи ҳамон вақтҳо машҳури “Вахш” моро ҷойгир карданд. Устод Зеҳнӣ омада моро ба хонаашон бурданд ва то бевақтии шаб суҳбатамон дар сари хони зиёфат тасфид. Ман минбаъд низ борҳо меҳмони хонадони устод Зеҳнӣ шудаам.

Устод Зеҳнӣ дар аксар вохӯриҳо таъкид мекарданд, ки муҳити адабии Самарқандро пойдору мустаҳкам гардонем, анъанаҳои ниёгонро пос дорем. Худашон изҳор мекарданд, ки нияти тартиб додани тазкираеро доир ба адибони Самарқанд доранд. Ва ин тазкира, ки бо ҳамқаламии профессор Садрӣ Саъдиев навишта шуда буд, соли 1970 ба муносибати ҷашни Самарқанд бо номи “Суханварони Сайқали рӯйи замин” дар Душанбе нашр шуд.

Тирамоҳи соли 1980 устод Мардонқул Муҳаммадқулов нобаҳангом аз олам чашм пӯшиданд ва ин хабари машъум қалби дӯстону шогирдонро ба ларза даровард.

Хабари марги устод дили Зеҳниро низ андӯҳгин кард. Ва он кас ба ин муносибат марсияи пурэъҷозе эҷод карданд, ки ин аст:

*Ба худ гуфтам, ки Мардонқул*
*дареғогӯйи ман бошад,*
*Дареғо, ман шудам акнун*
*дареғогӯйи Мардонқул.*
*Ҳамеша будаам дар хонаву*
*бӯстонсаройи ӯ*
*Ҳазор афсӯс, дар охир надидам*
*рӯйи Мардонқул.*
*Чунин як шахси олиҳиммату*
*хушхулқу меҳнатдӯст*
*Набуда ҳеҷ гоҳе кас ба хулқу*
*хӯйи Мардонқул.*
*Дару дасторхонаш доимо бар*
*рӯйи меҳмонон,*
*Кушода аз раъи лутфу вафо чун*
*рӯйи Мардонқул.*
*Маро азбаски чун шогирди ҷонӣ*
*буду чун фарзанд,*
*Ҳамеша будаам аз дил ба*
*ҷустуҷӯйи Мардонқул.*
*Ҳазор афсӯс, аз дасти аҷал касро*
*раҳоӣ нест,*
*Бибояд хоҳу нохоҳе равон шуд*
*сӯйи Мардонқул.*
*Бимирад оқибат одам,*
*вале монад нишон аз вай,*
*Зи роҳи донишу ирфону*
*гуфтугӯйи Мардонқул.*
*Бубинам рӯйи ӯро ошкоро,*
*ногаҳе бинам,*
*Сӯйи себу анору нок ҳам олуи*
*Мардонқул.*
*Агар чанде маро умри дарозе гашт*
*дар қисмат,*
*Пас аз чанде шитобон меравам*
*паҳлӯи Мардонқул.*
*Аз ӯ мондаст фарзандони*
*хушодобу хушахлоқ,*
*Саробон бод онҳоро ҳамон бонуи*
*Мардонқул.*
*Ба фарзандони ӯ хоҳам шикебоию*
*оромӣ,*
*Хусусан аз барои ҳамсараш*
*дар кӯйи Мардонқул.*
*Бигуфта чанд байте марсия*
*устоди ӯ Зеҳнӣ,*
*Бихонад кас, ба ёд орад,*
*марову рӯйи Мардонқул.*

Ҳазор афсӯс, ки баъди чанде – 10 апрели соли 1983 дар синни 91 худи устод Зеҳнӣ низ ин дунёро падруд гуфтанд. Равонашон шод бод, инсони биҳиштӣ буданд.

Бале, шайх Саъдӣ беҳуда нафармудааст:

*Зиндаи ҷовид монд,*
*ҳар кӣ накӯном зист,*
*К-аз ақибаш зикри хайр зинда*
*кунад номро.*

То ҳанӯз аҳли илму адаб устодро ба некӣ ёд мекунанд.

**Аслиддин ҚАМАРЗОДА,**
**Корманди шоистаи фарҳанги Ҷумҳурии Ӯзбекистон.**

*Пажӯҳиш*

# ОБРАЗИ “ШИША” ДАР АДАБИЁТИ КЛАССИКӢ

Дар адабиёти мумтози беш аз ҳазору садсолаи форс-тоҷик баробари образҳои ҷолибу гуногун, “шиша” низ диққати суханваронро ба худ ҷалб кардааст. Маълум, ки шиша ҷисми шаффоф ва зудшикан буда, барои ҳосил кардани он як навъ шағали сафед, оҳак ва баъзе моддаҳои дигарро дар кӯраҳои махсус об карда, дар қолабҳои гуногун мерехтанд. Инчунин, зарфи шишагин, монанди зарфи шароб зарфи шарбат ва ғайраро низ шиша мегӯянд, ки барои гирифтани ҳар гуна моеъ ба кор меравад. Аммо мавриди тасвири бузургони сухан маҳз хусусияти шикандагиву нозукии он қарор гирифтааст.

Ҳадафи мо аз ин навиштаҳо байти машҳури шоири хушсухан Бисотии Самарқандӣ мебошад, ки дар асрҳои XIV-XV зиндагӣ ва эҷод намудааст. Аммо бо мақсади фаҳмотар шудани мавзӯъ шабоҳати образи шиша бо дил, қалбро бояд тазаккур дод, ки нозукӣ ва зудшикании ҳар ду дар муқоиса диққати шоиронро ба худ кашидааст.

Диле, ки мавриди назари шоирон мебошад, аз дили муқаррарии тасаввурнамудаи омма фарқ дорад. Маълум, ки он узви ҷисмонӣ буда, дар тарафи чапи сина ҷой дорад ва гардиши хунро ба низом медорад. Дар тасаввури мутасаввифон бошад, дил мавҷудоти латифи рӯҳонӣ мебошад ва файзи илоҳӣ ба он нузул мекунад. Мутасаввифон ба дили ҷисмонии мавҷудот сару кор надоранд, зеро вай ба воситаи рӯҳи ҳайвонӣ баданро идора мекунад. Онҳо қалб гуфта нафси нотиқаро дар назар доранд, ки он ақл аст. Албатта, ин ақл аз ақли мавриди назари файласуфон фарқ дорад, ки ҷояш дар димоғ мебошад. Чи хеле ки дили санавбарӣ, яъне ҷисмонӣ бо тан муносибат дошта бошад, дили рӯҳонӣ низ бо олам чунин нисбат дорад. Инсон бояд нафси ҳайвонӣ ё худ аммораро ба нафси нотиқа тобеъ гардонад, ки дар натиҷа ҳамаи амалҳояшро бо фармони он ба ҷо оварда, ба истикмол ё худ расидан ба камолоти маънавӣ мепардозад. Бо ҳамин роҳ ба дараҷаи ақл, оқилӣ, ки ҷояш дар дил аст, мерасад ва бо салоҳияти дил ваҳдониятро пурра дарк мекунад. Ба ибораи дигар, дил ба ойинае табдил меёбад, ки таҷаллии ҳамаи маърифатҳои илоҳӣ дар он зоҳир мегардад. Аз ин рӯ, мутасаввифон мӯътақиданд, ки чунин инсон бо чашми дил олами малакутро мушоҳида мекунад ва агар Каъба қиблаи зоҳирӣ бошад, дил қиблаи ботинист. Шоирони мутасаввифи форс-тоҷик ҳамин нуктаро мавриди назар қарор дода, барои ифодаи нозукии дил образи ойина ва шишаро муқаррар истифода бурдаанд. Аз ин ҷиҳат аст, ки адабиётшиноси маъруф Муҳаммадризо Шафеъии Кадканӣ доир ба осори бадеии Бедили Абулмаъонӣ тадқиқоти муҳим ба анҷом расонида, ӯро “Шоири ойинаҳо” номидааст. Акнун мепардозем ба истифодаи образи шиша дар ашъори Бисотӣ, ки дар байте гуфтааст:

*Хуршедро зи шишаи айвони туст нур,*
*Эй офтоби қадр, чӣ фархунда ахтарӣ.*

Ба ибораи шоир покдарун будан чун шишаи май – аз хислатҳои бади ботинӣ пок будан ба шумор меравад:

Чун шишаи май покдарун бош, ки дар давр
Бас кӯзаи сарҳо, ки гили кӯзагарон шуд.

Умуман, вожаи “шиша” дар ашъори Бисотӣ дар чаҳор маврид ба дил нисбат дода шудааст. Дар ташбеҳи шоир дил шишаи май мебошад, ки зоҳиран хонанда гумон мекунад, ки “чашмони маҳбуба” онро ба даст гирифтаанд:

*Дил шишаву чашмони ту ҳар гӯша*
*барандаш,*
*Мастанд, мабодо, ки баногаҳ шикanандаш.*

Чунин навъи тасвирро дар ашъори анъанавии шоирони дигар низ метавон дучор омад. Аммо Бисотӣ бо зарофат мегӯяд, ки “чашмони ту мастанд, бояд онҳоро огоҳ кард, то ки эҳтиёт шаванду шишаи дили дардастдоштаашонро афтонда нашикананд”. Дар асл бошад, шоир гуфтанист, ки чашмони аз зебоии худ масти маҳбуба дили ошиқро рабудаанд ҳар сӯй назар кунанд, дил ҳам ба он сӯ майл мекунад. Мабодо ба рақиб нанигаранд, ки аз ин дили ошиқ шикаста мегардад. Чунин навъи тасвир хоси ашъори Бисотӣ буда, хусусан, дар ғазалиёти ӯ хеле фаровон дучор меояд.

Яъне, дар баробари тасвири нишонрас, дар ашъори шоир “сужет” низ иштирок мекунад ва он нақли ҳодисаи муқарраpие набуда, балки тасвири кӯтоҳ ва фавқулоддае мебошад, ки хонандаро мутаваҷҷеҳ месозад ва ба шавқ меорад. Муаллифи тазкираи “Хизонаи омира” Мир Ғуломалихони Орзу байти мазкурро “ганҷи шойгон” хонда мегӯяд: “Воқифони уюби қавофӣ медонанд, ки ин матлаъ муштамил бар қофияи шойгон нест, аммо ин лафз бар ин матлаб муборак омад, ки мустаҳаққи ганҷи шойгон шуд”. Ҳамин байт буд, ки ба Бисотӣ шуҳрати зиёд оварду ба туфайли он ҳукмдори темурии Самарқанд Халил Султони шеърдӯст ҳазор динор ато намуд ва шоирро маҳбуби хосу ом гардонид.

Чунин рангинбаёниҳои шоир диққати бузургтарин намояндагони шеъри “тарз”-ро, ки минбаъд бо номи «сабки ҳиндӣ» машҳур шуд, низ ба худ ҷалб намуда буд ва ба чанде аз ғазалҳои шоир ҷавоб гуфтани онон низ маълум аст. Чунончи, ба ғазали мазбури Бисотӣ Урфии Шерозӣ, ки яке аз поягузорони сабки навин мебошад, чунин ҷавоб гуфтааст:

*Дорам ба чашми ӯ дили андӯҳпешаро,*
*Ғофил аз ин ки мешиканад маст шишаро.*

(Давомаш дар саҳ.4).

## РАМАЗОН АЗ ДИГАР МОҲҲО ЧӢ ФАРҚ ДОРАД?

*Дар ин моҳ Қуръони Карим нозил гардидааст.*
*Дар ин моҳ раҳмати Оллоҳ таъоло меборад.*
*Дар ин моҳ афзалтар аз ҳамаи моҳҳо Шаби*
*Қадр мавҷуд аст.*
*Бо сабаби рӯзадорӣ тақво ҳосил мегардад.*
*Бо туфайли рӯза руҳият ва бадани инсон пок*
*мегардад, қалбро пуртавозеъ мегардонад.*
*Рӯзадор саҳархӯрӣ намуда, барака пайдо*
*менамояд.*
*Моҳест, ки дари ҷаннат кушодааст.*
*Моҳест, ки дари дӯзах пӯшида мегардад.*
*Моҳест, ки шайтонҳоро банд кардаанд.*
*Моҳест, ки бандаро бо Оллоҳ наздиктар*
*мегардонад.*
*Дар ин моҳ подоши савоби некиҳо аз даҳ*
*баробар то 700 баробар афзун навишта*
*мешаванд.*
*Дар ин моҳ закот дода, ҳақдорҳо хурсанд*
*гардонида мешавад.*
*Садақаи Фитр дода, аз мискинҳо дуо гирифта*
*мешавад.*
*Оне, ки закот медиҳад, молаш пок мегардад,*
*барака ворид мешавад.*

Таҳияи **Дилафрӯз АЛУЛЛОЕВА.**

*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

*МУЖДА*

## МАВЗЕИ «ӮЗБЕКИСТОНИ НАВ»

**Сохтмони он дар маҳаллаи Оқтошотаи ноҳияи Шароф Рашидови вилояти Ҷиззах оғоз ёфт.**

Тибқи Барномаи давлатии барои солҳои 2022-2026 пешбинигардида, дар ҳудудҳо мавзеъҳои нави истиқоматӣ барпо меёбанд, ки онҳо номи Ӯзбекистони навро хоҳанд гирифт.

Инак, дар ҳудуди ноҳияи Шароф Рашидови вилояти Ҷиззах ба пойдевори ин мавзеъ хишти нахустин гузоштанд.

Барои сохтмони мавзеи мазкур қариб 50 гектар замин ҷудо карда шудааст. Рӯзи 28 марти соли ҷорӣ дар савдои музояда ҶММ «BRB GOLD TEAM»-и туркӣ бурд кард ва корҳои тарҳрезӣ ва сохтмонӣ бо ҳамкории корхонаи давлатӣ-унитарии «Ӯзшаҳарсозлик» ЛИТИ аллакай оғоз ёфтанд.

Аз рӯйи нақшаи меъморӣ аввал 14-то бинои 16 ошёнадор бунёд хоҳад ёфт, ки ҳар яки он дорои 80 хона мебошад. Дар марҳилаи нахуст 1120 оила соҳиби хонаву ҷой мегардад. Барои пардохт субсид ҷудо карда мешавад. Ин иншоот фақат аз ҷойи иқоматӣ иборат набуда, нуқтаҳои хидматрасонӣ, савдо, маҷмӯаҳои варзиширо низ доро мегарданд.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

*Хотира муқаддас аст*

# ...ҲАМЕ НОМИ НЕКӮ БУВАД ЁДГОР

*Чунон кун зиндагонӣ дар*
*замона,*
*Ки аз вай зинда монӣ*
*ҷовидона.*

Ҳақ асту рост, ки марг, бо он ки медонем, “Куллу нафсин зоиқат-ул-мавт”, яъне ҳамеша ғайри чашмдошту ғайриинтизор ногаҳон дармерасад ва дили хешу пайвандон, ёру дӯстони марҳумро решреш мекунад. Хабари шуми дар Украина фавтидани ҳамкору ҳамқалами мо Абдусалом Самадов, ки тайи беш аз сӣ сол дар Донишгоҳи давлатии Самарқанд мақом ва ҷойгоҳи хосса дошту маҳфиладаб буду фарҳанги тоҷикро зинат мебахшид, моро низ бештар дар ҳайрату тааҷҷуб гузошт. Бинобар ҳамин ҷамоаи донишгоҳ, мардуми Самарқанд, ҳамқаламону шогирдон 12 августи соли гузашта, ҷасади ӯро ба рӯйи китфу болои сар гузошта, ба роҳи охирин гусел намуданд. Воқеан, мо бо шодравон Абдусалом Самадов қариб ҳамсолу ҳамкасб будем, гоҳ-гоҳ шӯхиомез ӯро “Абдусалом Деҳотӣ” ном мебурдем.

– Не-не, ман Абдусалом Самадов, устодам, дӯсти падари бузургворам Абдусалом Деҳотӣ ҳамдеҳаи ман мебошанд, – завқ карда механдид вай, – охир камина, боғимайдонӣ ҳастам.

Сипас маълум шуд, ки яке аз шаҳсутуни адабиёти навини тоҷик, шогирди вафодори устод С.Айнӣ Абдусалом Деҳотӣ ҳар гоҳ аз Душанбешаҳр ба зодгоҳ оянд, мардуми деҳаи Боғимайдон ва алалхусус Самадамак, ки мухлиси ашаддии эҷодиёти вай буд, аз суҳбати ширину гуворои ӯ баҳраманд мегашт. Шояд аз ҳамин сабаб вақте ки Худо ба Самадамак писар дод, Абдусалом ном гузошт, ки мисли ҳамгузараш адиби номдор шавад.

Дарҳақиқат, Абдусалом аз айёми мактабхонӣ ба адабиёту матбуот дил баст. Хату хабари вай дар рӯзномаву маҷаллаҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон пайваста рӯйи чопро мединданд. Падари бузургвораш аз хурсандӣ курта-курта гӯшт мегирифт.

Меҳру муҳаббат ба адабиёт ӯро пас аз хатми мактаби миёна ба факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд овард. Аз устодони меҳрубонаш, раҳматӣ академик Ботурхон Валихоҷаев, Талъат Абдуҷабборов, Абдураҳмон Эгамбердиев, Абдурауф Маъруфӣ, Азиз Зоҳидов ва дигарон бисёр чизҳоро омӯхт. Маҳз солҳои донишҷӯӣ риштаи ҳамкорӣ ва дӯстиро бо расонаҳои ахбори оммавӣ, алалхусус, рӯзномаи «Овози тоҷик» мустаҳкам намуд, ки соли 1977 бо дипломи роҳхати донишгоҳ ба идораи нашрияи мазкур фаъолияти меҳнатиро оғоз намуд. Албатта, дар зери назорати журналистони варзидаву соҳибтаҷриба Муҳсин Умарзода, Раҳматҷон Норов, Шамсӣ Қамар, Ҷонибек Қувноқ, Хӯҷамурод Қӯлдошев фаъолият бурдан ба сайқал ёфтани эҷодиёташ такон бахшид. Аммо аз сабаби шароити вазнини мусофирӣ ба зодгоҳ баргашт ва дар донишгоҳ баробари муаллимӣ корҳои илмии хешро идома дод. Вай муаллифи беш аз 15 монография ва рисолаҳои илмӣ, тақрибан 20 китоби дарсӣ, инчунин 300 мақолаи илмӣ-оммавӣ мебошад. Махсусан, саҳми ӯ дар таҳияи консепсияи нави таълим, таҳия ва омодасозии барномаҳои миллии таълимӣ, таъсиси корҳои услубиву илмӣ хеле калон аст. Абдусалом ҳамчун журналисту адиби нуктасанҷ доир ба ҳаёт ва фаъолияти устодон, ҳамкорон, чеҳраҳои шинохтаи адабиёти тоҷик ва ҷаҳон низ як силсила мақолаҳои хонданибоб навишт.

Абдусалом инсони вазифашиносу навовар, мутахассиси варзида буд, ки аз омӯзгори одӣ то дараҷаи декани факултаи филологияи тоҷик расид. Вай ҳамчун шогирди вафодори академик Ботурхон Валихоҷаев номзади фанҳои филологӣ гардид. Сад дареғ, ки дӯсти дилёбу дарёдил, накӯкору накӯноми мо дар айни камолоти эҷодӣ бар асари бемории “Covid” аз байн рафт. Марги ин шахси фозилу пуртаҳаммул барои донишҷӯён, хоссатан журналистикаи тоҷик, талафоти бузург аст.

Чанде пеш дар донишгоҳ вохӯрии сафири Тоҷикистон дар кишвари мо — Абдуҷаббор Раҳмонзода бо аҳли фарҳанги Самарқанд ба вуқӯъ пайваст. Сафир дар баромади худ ёди неки Абдусаломро карда, иброз дошт, ки хидмати шодравон барои мустаҳкам намудани риштаи дӯстии ду мамлакати ҳамҷавор бузург аст.

Ҳамагӣ ним сол қабл аз ин китоби “Нишони меҳр”-и ӯ аз чоп баромад, ки нишони хотираи неки дӯстии қаламзани мо мебошад. Воқеан, вай ният дошт, ки як силсила очерку мақолаҳои дилчасп нависад, вале сад афсӯс, ки умедҳои дӯстамон бар бод рафтанд.

Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ таъкид мекунад:

*Намонад касе дар*
*ҷаҳон пойдор,*
*Ҳаме номи некӯ*
*бувад ёдгор.*

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**узви Иттифоқи эҷодии журналистони Ӯзбекистон.**

*Ҳафтаи китоб*

## КИТОБ – ОФТОБ

***Бо чунин шиор дар саҳни мадрасаи Нодир Девонбегӣ тадбири адабию фарҳангии мухлисони бешумори каломи бадеъ дар чорчӯбаи «Ҳафтаи китобхонӣ» баргузор гардид, ки дар он хонандагони синфҳои болоӣ, донишҷӯёни мактабҳои олии Самарқанд, шоиру нависандагон, хабарнигорони расонаҳои ахбори вилоят ширкат варзиданд.***




Имом-хатиби масҷиди ҷомеи Хоҷа Аҳрори Валӣ ҳоҷӣ Яъқубҷон Мансуров таъкид намуд, ки дар дини мубини Ислом ба мутолиаи китоб диққати махсус дода шудааст.

– Боиси ифтихор аст, ки ҳамдиёрони мову шумо Имом Бухорӣ, Имом Тирмизӣ, Хоҷа Баҳоуддин Нақшбанд, Бурҳониддин Марғинонӣ, Имом Мотрудӣ ва дигарон маҳз аз китобхонӣ ба мартабаҳои баланд расидаанд, – иброз дошт нотиқ, – модоме ки имрӯз ба рушду равнақи илму фарҳанг диққати махсус дода мешавад, бештар ба китобу рисолаҳои илмӣ дил бастан лозим.

Таъкид намуд, ки сарвари давлатамон барои китобхонҳо мукофотҳои зиёд тухфа мекунанд.

Инчунин, дар тадбир муҳаррири рӯзномаи «Овози Самарқанд» Баҳодур Раҳмонов, раиси маркази фарҳангии тоҷикони вилояти Самарқанд Акбарҷон Маҳмудов, адиб Солеҳи Саидмурод, муҳаррири рӯзномаи «Гулобод тонги» Нормурод Каримзода ва дигарон ба сухан баромада, доир ба аҳамияти мутолиаи китоб ҳарф заданд.

Ҳофизони номдори вилоят ва дастаи ҳунарии «Шашмақом» бо савту сурудҳои дилнишину дилошӯб ба ҳозирон ғизои маънавӣ бахшиданд.

Дар поёни тадбир ба як гурӯҳ фаъолон китоби тозанашри тоҷикии «Қайдҳо дар ҳошияи дафтар»-и Нависандаи халқии Ӯзбекистон Ӯткур Ҳошимов тақдим шуд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

*Ганҷ магир, китоб гир*

# АЗ ТАЪРИХ ВА БУЗУРГОНИ ДЕҲА

**Дар мактаби таълими умумии рақами 58-уми ноҳияи Чуст тақдимоти китоби Боймирзо Ҳошимов бо номи «Сари қалъа ё худ таърихи Варзик» баргузор гардид.**

Дар он устодон, хонандагон ва собиқадорони меҳнат иштирок намуданд. Тарғибгари мактаб Муҳайё Назарова доир ба аҳамияти китобу китобхонӣ сухан ронда, муаллифро бо китобаш муборакбод намуд.

Китоб аз таърихи деҳаи Варзик, ҳаёти инсонҳои бузурги деҳа – нависандагон С. Улуғзода, М.Наҷмиддинов, Ҳ.Имодӣ, олимон Инъомхоҷаевҳо, З.Қурбонов, К.Умаров, Р.Иброҳимов, С.Тӯйчиев ва маърифатпарваронаш Ҳ.Ғафуров, Ҷ.Исмоилов, Р.Мирзобобоев, З.Шарифов, Ғ.Ҳоҷиматов ва дигарон ҳарф мезанад.

Китоб ба забони ӯзбекӣ буда, изҳор намуданд, ки он ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ тарҷумаю нашр мешаванд.

Собиқадори таълими халқ Шарофбой Маҳмудов гуфт, ки касе бо китоб дӯст мегардад, вай роҳи рости ҳаёти худро меёбад.

Китобдор Аҳмедова ҳозиронро ба хондани китоб, аз ҷумла рисолаи аввалини Б.Ҳошимов даъват намуд.

**Ш. МИРЗОЕВ,**

*вилояти НАМАНГОН.*




*Латоиф*

## ТАОМ

Боре Ҳусайн Бойқаро фармуд, ки аз таоми базм ба Мавлоно Ҷомӣ низ фиристанд. Навоӣ фармуд, ки ҳиссае аз таом бикашанд ва онро Хоҷа Деҳдор барад. Дунбаи фарбеҳи гӯсфанде низ дар он таомҳо буд. Хоҷа Деҳдор назди Мавлоно Ҷомӣ дунбаро хеле таъриф намуд ва Мавлоно Ҷомӣ пай бурд, ки ӯ ба он рағбату тамаъ дорад. Аз ин рӯ, дунбаро наздаш монда таклифи хӯрдан кард. Хоҷа Деҳдор дар як он дунба ва таомҳои овардаашро тамом бихӯрд.

Ҷомӣ рубоии зайлро навишта, ба дасти Хоҷа Деҳдор дод, ки ба Навоӣ бирасонад:

*Эй Хоҷа, маро ба лутфи худ парвардӣ,*
*З-овардани пушти дунба фарбеҳ кардӣ.*
*Биншастию дунбаро ба рағбат хӯрдӣ,*
*Бурдӣ ба шикам он чӣ ба пушт овардӣ...*

## БОДАИ ДЕРИНА

Мегӯянд вақте Фатҳалишоҳ ба шоир Шаккокӣ хилъати гаронбаҳое тақдим намуд, вай онро дар майхона ба баҳои бода фурӯхт. Шоҳ аз ин воқеа хабар ёфта барошуфт ва ба ӯ итоб намуд. Шаккокӣ филбадеҳа ин байтро суруд:

*Хилъати нав шуда дар бодаи дерина гарав,*
*Ки бувад бодаи дерина беҳ аз хилъати нав.*
*Шоҳ хандид ва хилъати дигар ба ӯ дод.*

## ҶОЙИ ЗОҒ НЕСТ

Мегӯянд дар шаҳри Ҳирот ду шоир умр ба сар мебурданд, ки яке аз онҳо Шайх Сайфиддин ном дошта, Бохарзӣ тахаллус мекард ва дигарӣ бо номи Мулло Боқармарзӣ машҳур буд. Сайфиддин Бохарзӣ шоири хеле мӯҳтарам буд ва ҳамеша мавриди лутфу эҳсони умарои шаҳр қарор дошт.

Мулло Боқармарзӣ, ки дар ҳаҷвгӯйӣ ном баровtargeted буд, худро аз Бохарзӣ кам намешумурд ва ба ӯ ҳасад мебурд. Аз ин сабаб дар ҳар маврид барои резондани обрӯйи Бохарзӣ кӯшиш мекард.

Рӯзе чанд нафар аз шоирон, ки дар байни онҳо Бохарзӣ ҳам буд, дар яке аз боғҳои хушобу ҳавои шаҳр маҷлиси адабӣ ороста, шеърхонӣ ва мутоибагӯйӣ мекарданд. Вақте ки Мулло Боқармарзӣ аз ин маҳфили шоирон хабар ёфт, бе ягон даъват ба он ҷо ҳозир шуд. Аҳли маҷлис ҳангоми сӯҳбат бо рамзу киноя ба меҳмони нохонда будани Боқармарзӣ ишорат менамуданд, вале ӯ матлабро дарк карда бошад ҳам, худро нафаҳмида вонамуд мекард. Дар ин вақт Бохарзӣ ба яке аз шоирон, ки Андалеб тахаллус мекард, рӯ оварда гуфт:

*Фасли баҳор гӯшае беҳтар зи боғ нест,*
*Ин ҷои андалеб бувад ҷойи зоғ нест.*

Боқармарзӣ аз маънии байт пай бурда, ларза дар андомаш афтод ва баъд рӯ ба Бохарзӣ намуда, гуфт:

*Мӯҳтарам Сайфиддини Бохарзӣ,*
*Ба худо гар ба арзане арзӣ.*
*Кай ту бо одамӣ тавонӣ зист,*
*Ки туро гуфтаанд бо хар зӣ?*

Шоир Бохарзӣ бадеҳатан ҷавоб дод:

*Эй гунаҳкор Боқармарзӣ,*
*То кай охир ба маъсият варзӣ.*
*Баъд аз ин зист бо ту хоҳам кард,*
*Худ маро гуфтаӣ: “бо хар зӣ”.*

Таҳияи
**Фариштаи ҒОИБНАЗАР**
**аз китоби**
**«Лутфи латиф».**

*Китобиёт*

## ГУЛЧИНИ АШЪОР




Ба ифтихори бузургдошти 110-умин солгарди шоири маъруф ва машҳури тоҷик, Қаҳрамони Тоҷикистон – Мирзо Турсунзода, аз тариқи нашриёти «Tamaddun» бо номи «Чароғи абадӣ» рӯйи чопро дид. Китоб силсилаи шеърҳои шоир, ҳикояҳо, мақолаҳои дорои мав-зӯъ ва мазмунҳои гуногунро бар мегирад. Мавзӯъҳои муҳаббат ба Ватан, зебоиҳои табиат, меҳру оқибат, ситоиши зан, модар, тараннуми дӯстии халқҳо, панду ҳикматҳо қисми асосии ашъори шоир ба шумор меравад.

Дар китоб ҳамчунин гулчини ашъори ин шоири бузург, васфкунандаи сулҳу сафо, дӯстиву бародарӣ низ ҷой дорад. Ашъори ӯ хонандаро ба омӯхтани илму дониш ва рушду равнақи Ватан саҳм гузоштан даъват менамояд. Ин аст, ки беш аз як аср боз Мирзо Турсунзода чун шоири халқ дар эҳтиром аст ва мардуми ҷаҳон ӯро чун вассофи сулҳу сафо ба хотир меоранд.

Бояд зикр кард, ки китоб бо ташаббуси Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони ҷумҳурӣ аз силсилаи «Накҳати сухан» зери таҳрири шоир Паймон мураттаб гардидааст.

**М.МАМАҶОНОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*ҲИКОЯҲОИ ПАНДОМЕЗ*

### Ҷаннат фурӯхта мешавад...

Мегӯянд, ки чанд аср пеш дар кунҷи шаҳре калисое воқеъ буд. Ба онҷо мардум қариб, ки намерафтанд. Аз ин ҳол коҳин нороҳат шуда маҷлис ороcт. Ӯ гуфт:

– Чӣ кор бояд кард, то мардум ба калисо оянд ва ба ин васила пул ба даст орем.

Яке аз ходимони калисо бархост ва гуфт:

– Биёед, эълон мекунем, ки ҷаннатро мефурӯшем. Мебинед, ки мардум давон ба калисо меоянд ва мо низ пулдор мешавем.

Баъди эълонро шунидан, мардум ба калисо омада, ҷаннат мехариданд ва аз калисо чек мегирифтанд. Ҳамин вақт марде аз онҷо гузар карда, дид, ки мардуми зиёде дар назди калисо ҷамъ омадаанд. Роҳгузар пурсид:

– Инҷо чӣ гап аст?

Гуфтанд:

– Дар калисо ҷаннат мефурӯшанд.

Он мард чун ин сухан бишниду зуд дохили калисо шуд ва ба коҳин гуфт:

– Оё дӯзах ҳам фурӯхта мешавад?

Коҳин гуфт:

– Бале, вале онро касе харид намекунад.

Он мард гуфт:

– Ман омадаам, то дӯзахро бихарам. Арзишаш чанд аст?

– Ночиз аст. Як миқдор пул кифоя.

Роҳгузар бо пули ночиз дӯзахро харид. Ба кӯча баромада, ба мардум гуфт:

– Ҳой мардум! Ман дӯзахро харидам. Аз имрӯз эътиборан касе дӯзахӣ намешавад, ҳама ҷаннатӣ хоҳанд шуд.

### Бадро накӯ гӯй

Рӯзе шайх Абусаиди Абулхайр бо дӯстонаш аз канори осиёбе мегузашт. Ногаҳон истод ва лаҳзае ба садои гардиши сангҳои осиёбу коркарди он гӯш дод. Пас аз он рӯ ба атрофиёнаш карду гуфт:

– Мешунавед? Медонед, ки ин осиёб чӣ мегӯяд?

Дӯстонаш, ки ғайри садои коркарди осиёб чизе намешуниданд, бо тааҷҷуб гуфтанд:

– Не, мо садои хосе намешунавем.

Абусаид гуфт:

– Ин осиёб мегӯяд, ки ман аз шумо беҳтарам, зеро бад мегираму хуб бармегардонам.

Бад мегираду хуб пас медиҳад. Яъне, агар шумо ҳам сухани баду талхе аз касе шунидед, ба ӯ ба нармӣ посух диҳед.

### Ҳикмати падар

Писар донишгоҳро бо дипломи аъло хатм кард. Падар ӯро ба хона хонд ва рӯйпӯши мошинеро, ки солҳо дар гараж нигоҳ медошт, бардошт:

– Ин ҳадяи ман аст. Назарногир, аммо «Запарожетс» ҳам мошини одӣ нест. Вале ин туҳфаи падар табъи писарро болида насохт. Падари рамузфаҳм бо лабханд афзуд:

– Писарам, ту як бор онро ба мошинбозори ҳамсоя бар.

Писар пас аз чанде омаду гуфт: ҳамагӣ 50000 сӯм нарх карданд.

Мегӯянд кӯҳна асту аз истифода берун.

Бо тавсияи падар ҷойи дигар бурд, 80000 сӯм нарх монданд...

– Акнун онро ба клуби мошинҳои нодир бубар, – гуфт падар.

Андаке нагузашта писар шодону хандон назди падар ҳозир шуд:

– Тасаввур намекунӣ, вале арзиши мошинро ба 20 миллион сӯм бардоштанд. Бисёр нодир будааст ин тамға...

– Бале, писарам.

Ин ҳикматро дарёб, ки дар ҳаёт ҳар кас туро аз нигоҳи худ баҳо медиҳад ва ту танҳо дар ҷойгоҳи худ соҳиби эътибор мешавӣ.

Таҳияи **Далер АЗИЗОВ.**

*ГАНҶИ ОРОСТА*

***Соиби ТАБРЕЗӢ***
***(1603-1677)***

## Ду ғазал

*Пардадори ҳарфи даъвӣ кун лаби хомӯшро,*
*Аз дабистон бармаёвар тифли бозикӯшро.*
*Мӯр бар хони Сулаймон хуни худро мехӯрад,*
*Хирмани гул мояи ҳасрат бувад оғӯшро.*
*Нест бар болои дасти хоксорӣ ҳеҷ даст,*
*Хишти хум менӯшад аввал бодаи сарҷӯшро.*
*Боғбон гулро кунад сероб аз баҳри гулоб,*
*Соқӣ аз май баҳри бурдан мефизояд ҳушро.*
*Ҷуз пушаймонӣ суханчинӣ надорад ҳосиле,*
*Ҳалқаи беруни дар кун дар маҷолис гӯшро.*
*Мастиву махмурии олам ба ҳам омехтаст,*
*Дурбоши неш дар дунбол бошад нӯшро.*
*Ин замон дар зери бори кӯҳи миннат меравам,*
*Ман, ки медуздидам аз дасти навозиш дӯшро.*
*Бар сари бемағз, Соиб, кисвати пашмин мабанд,*
*Аз сари хони тиҳӣ бардор ин сарпӯшро.*

***

*Ёди айёме, ки бо ҳам ошно будем мо,*
*Ҳамхаёлу ҳамсафиру ҳамнаво будем мо.*
*Маънии як байт будем аз тариқи иттиҳод,*
*Чун ду мисраъ гарчи дар зоҳир ҷудо будем мо.*
*Буд доим чун забони хома ҳарфи мо яке,*
*Гарчи пеши чашми суратбин дуто будем мо.*
*Чун ду барги сабз, к-аз як дона сар берун кунад,*
*Якдилу якрӯй дар нашъунамо будем мо.*
*Ахтари мо саъд буду рӯзгори мо саид,*
*Аз саодат зери боли як ҳумо будем мо.*
*Дурии манзил ҳиҷоби иттиҳоди мо набуд,*
*Доштем аз ҳам хабар, дар ҳар куҷо будем мо.*
*Чораҷӯёнро намедодем, Соиб, дарди сар,*
*Дардҳои куҳнаи ҳамро даво будем мо.*

# УМРИ БАРДАВОМИ СУРУДҲОИ “БУЛБУЛИ ХУҶАНД”

Сароянда, оҳангсоз ва мусиқори барҷаста Содирхон Ҳофиз, ки 175-солагиаш таҷлил мегардад, баробар бо Ҳоҷӣ Абдулазиз, Домулло Ҳалим Ибодов, Тӯйчӣ Ҳофиз ва дигар намояндагони барҷастаи мусиқии классикиамон “Шашмақом”-ро равнақи тоза бахшид. Вай,аз ҷумла, “Ушшоқ”, “Гулёр”, “Дилхарош”, «Талқин», Сегоҳи ду”, “Сегоҳи се”, “Савти Уфар”, “Гиря”, «Чоргоҳ», “Муноҷот” барин суруду мақомҳои “Шашмақом”-ро бо маҳорати хос ба иҷро мерасонд. Зода ва парвардаи Хуҷандро мардуми Самарқанду Бухоро, Қӯқанду Фарғона ва Тошканд писандида, маъракаҳои худро бо иштирокаш мегузаронданд. Соли 1909 Илҳом ном шахс, ки дар асл чойхоначӣ буду мухлиси ашаддии таронаҳои Содирхон, як қатор сурудҳояшро ба пластинка сабт кунонда бошад, соли 1912 ширкати “Гофман” дар Қӯқанд 12 пластинкаи ӯро дастраси умум гардонд.

Содирхон Ҳофиз ғазалиёти Алишери Навоиро дӯст медошт. Онҳоро ба оҳанг медаровард ва месуруд. Туркзабонҳо “Муҳайяр”, “Зебопарӣ” ва “Авҷи турк” барин таронаҳояшро бештар ҳаводорӣ мекарданд. Аз байни ӯзбекон низ шогирдҳо дошт. Аксарияти онҳое, ки аснои муаллимиаш дар Институти тадқиқотии мусиқишиносии Ӯзбекистон (солҳои 1928-1930) таълими ӯ гирифтаанд, тавфиқ ёфта ва дар ин сарзамин шарафи мусиқии миллиро баланд бардоштаанд.

Ҳанӯз соли 1946 дар Душанбе “Асарҳои мунтахаби Содирхон” ном рисолаи мусиқии ӯ ба табъ расида буд, ки барои дӯстдорони “Шашмақом”, алалхусус навмашқоне, ки онро фаро гирифтанианд, ҳанӯз аҳамияти худро гум накардааст.

Падари Содирхон як косиби оддӣ буду халос. Вале ба мусиқии аҷдод шавқи беандоза дошт. Дар кулбаи фақиронаи вай воқеъ дар маҳаллаи Қӯшбегии Хуҷанд алоқамандон ва мухлисони шеъру наво гирд омада, то дер базмороӣ сохта, айни замон шавқу ҳаваси ҷавононро ба “Шашмақом”, ки дурдонаи мусиқии аҷдод аст, бедор менамуданд. Содирхони он вақт хеле ҷавон бо зеҳни тезу ҳушмандӣ ва маҳорати хуби навозандагию овозхонӣ эътибори иштирокдорони маҳфилро ба худ мекашид. Бузургхонтӯра ном дуторнавози машҳур, ки гули сари сабади нишастҳо ҳисоб меёфт, ӯро ба шогирдӣ пазируфт. Содирхон баробари дуторнавозӣ аз вай, бинобар он ки овози ширадор ҳам дошт, асрори овозхонӣ омӯхт.

Баъдтар аз Кошиф ном шахсияти он вақтҳо шинохта, ки чун шоир ва мусиқидон ном баровардa буд, танбӯрнавозиро низ ёд гирифт. Дар синни сӣ аз сафи онҳое ҷой гирифт, ки чун ҳофиз ва мусиқор байни мардуми Тоҷикистон ва Ӯзбекистон маълум ва машҳуранд.

Таҳти таъсири ҳофизони бузурги давр ва истеъдоди фитриву худомӯзиҳо Содирхон Ҳофиз дар Хуҷанди бостон мактаби ба худ хоси навозандагию сарояндагӣ ташкил кард. Як қатор сурудҳои “Шашмақом” дар иҷрои ӯ бо рангу тароват, ҷаззобию дилкашӣ, муассириву рӯҳафзоӣ фарқ карда меистоданд. Авҷи сурудҳое, ки вай иҷро мекард, ба нозуктарин торҳои қалби шунаванда нохун мезад, вуҷудашро аз ҳаяҷон лабрез менамуд. Дар гузаштан аз савти паст ба баланд ва баръакс, аз савти баланд ба паст гузаштан, ки мушкилиҳои ба худ хос дорад, низ маҳорат нишон медод. Бо як лаҳни гуворо ва дилпазир дурудароз садо баровардaнро овози “шикамӣ” мегӯянд. “Шиками”-ҳои Содирхон, айни замон, шунавандаро мафтун мекард, аз қудрати тембри овози ӯ дарак медод. Ба ифодаи дигар, баланду хушоҳанг месуруд ӯ. Ба таъкиди мусиқишиносҳо, диапазонаш васеъ буду тембраш лирикӣ. Асосан бар матни шоирони классикии форс-тоҷик суруд мехонд. Таълим медод, ки барои ҳофиз шудан танҳо овози хуб ва ширадор доштан кифоя нест. Маҳорати баланди овозхониро низ бояд молик буд. Танҳо ҳамоне дар ин ҷода тавфиқ меёбад, ки баробари истеъдоди худодод доштан, бо азму иродаи қавӣ болои худ кор кунад, аз меҳнат ва душвориҳо наҳаросад, устоддида ва таълимгирифта бошад.



***Муҷассамаи Содирхон Ҳофиз дар Хуҷанд.***

Санъатшиносон ба хулосае омадаанд, ки қисмате аз офаридаҳои Содирхон Ҳофизро метавон осори вокалӣ номид. Вай муаллифи якчанд оҳанги ҷолиб буда, қисме аз онҳо ҳамроҳ бо номи муаллиф зикр мешаванд, масалан, “Ушшоқи Содирхон”, “Уфари Содирхон”, “Уфари сабти Содирхон”, “Дилхароши Содирхон” ва ҳоказо.

Навъе дар боло ишора рафт, Содирхон Ҳофиз дар солҳои пирӣ ором нанишаст, ҳунари волои худро ба ҷавонон омӯзонд. Фаъолияти ӯ дар идораю муассисаҳои мусиқии Тоҷикистону Ӯзбекистон самаранок гузашт. Онҳое низ ӯро устоди худ мешумурданд, ки бевосита таълимаш нагирифта бошанд ҳам, ба вай пайравӣ кардаанд. Маъруфхоҷа Баҳодуров, Боймуҳаммад Ниёзов, Ҳанифа Мавлонова, Ҷӯрабек Муродов барин сарояндагони забардаст анъанаҳои овозхонии ӯро дар давраҳои нави таърихӣ идома бахшиданд. Аз байни бонувон, хусусан, Меҳрӣ Исҳоқбоева ва Малоҳат Додобоева ба тарзу услуби сарояндагии ӯ содиқ монда, рӯҳашро шод кардаанд.

Сарояндаи маъруф Малоҳат Додобоева, ки бо доираҳои мусиқии Ӯзбекистон робитаи наздик дошт, набера ҳисоб меёфт Содирхон Ҳофизи бузургворо. Вай низ бо ду забон месароид, дар равнақи мусиқии ду бародархалқ қадри тавон саҳм мегузошт.

Ба навозандагию овозхонии нотакрори Содирхон Ҳофиз алоқамандони соҳа аз Урупо низ таваҷҷуҳ кардаанд. Солҳои 1903, 1905, 1908, 1910 ҳайати экспедитсионии махсуси Ширкати сабти овози Рига, соли 1909 яке аз фирмаҳои англисӣ беҳтарин сурудҳои Содирхон Ҳофизро ба қартаҳо сабт ва ба фурӯш баровардаанд. Мегӯянд, ки мусиқор ва овозхон аз Хуҷанди бостон дар Афғонистон, Туркия, Ироқ ва Эрон ҳам шунаванда дошт.

Бузургдошти ӯ, яъне абадӣ гардондани хотираи Содирхон Ҳофиз (Бобошарифов) аз умри бардавоми суруд ва фанонопазирии рӯзгори маънавии инсонҳои накӯном дарак медиҳад.

Коллеҷи санъати Хуҷанд ва яке аз кӯчаҳо дар “Тирози Ҷаҳон” ба номи ӯ гузошта шудааст. Таҳти рукни “Навоҳои абадзинда” офаридаҳои рӯҳнавозу ҷаззоби “Булбули Хуҷанд” ҳоло низ дар мавҷи ҳаво болу пар зада, дилҳои ба мусиқии классикӣ ошноро ба худ ром мекунанд.

**М. ШОДИЕВ.**

# ОБРАЗИ “ШИША” ДАР АДАБИЁТИ КЛАССИКӢ

(Аввалаш дар саҳ.3).

Гуфтани ашъори ҷавобия ба ғазали мазкури Бисотӣ асрҳо идома дошт ва суханварони бузург дар ин бобат қувваозмоӣ намудаанд. Дар “Бадоеъ-ул-вақоеъ”-и Восифӣ низ ба он ҷавоб гуфтани мавлоно Маҳмуд ном шоири муҳити адабии Ҳирот таъкид карда шудааст, ки гуфтааст:

*Қадди ту ниҳолест к-аз ӯ мева хӯрандаш,*
*Усфури сари шохи ту дандон шиканандаш.*
*Табхола ба гирди лаби шаккаршиканаш бин!*
*Монанди нахӯде, ки ба шӯрбо фиганандаш.*

Тибқи маълумоти муаллифони сарчашмаҳои адабӣ ҷавоби ба ғазали мазкур гуфтаи шогирди Хоҷа Исмати Бухороӣ, ки бо номи Хаёлии Бухороӣ машҳур аст, беҳтарин ба шумор меравад, ки дар ҳақиқат хеле барҷаста ифода ёфтааст:

*Ҷашмат ар шишаи дилҳо шиканад, боке нест,*
*Кай тавонад, ки чунин маст чунинҳо накунад?!*

Аз ин мисолҳо бармеояд, ки диққати намояндагони сабки навро дар қатори ашъори Ҳофизу Хусрав, Соибу Камол ва дигар бузургони сухан навоварию тозакориҳои Бисотӣ низ ба худ ҷалб карда буд Тавассути ашъори ҷавобия шоирон ба ҷустуҷӯйи маонии наву ҷолиб талош варзиданд. Ин иқдом таконе гардид барои ба навҷӯиву тозабаёнӣ пардохтани шуаро ва метавон гуфт, ки дар ҳақиқат самароти муфидеро аз пай овард.

**Фозилҷон ШУКУРОВ,**
**устоди Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Ш. Рашидов.**

# ОВОЗХОНЕ АЗ ДЕҲАИ ХУШМАНЗАР



Деҳоти тоҷикнишини хушманзари доманакӯҳҳои Нурато низ одамони барӯманд дорад. Ин деҳаҳо дар домани худ инсонҳои бофазлу ҳунарро парваридаанд. Ҷавонони зиёде пайи аз бар намудани илмҳои замони худ камари ҳиммат бастаанд. Тӯли солҳои охир дар бахши мутрибиву овозхонӣ дар ин кӯҳпоя нафарони зиёде ба камол расидаанд. Месазад, ки дар ҳаққи ҳар яки ин ҳунарварон маводи хондание бинависем.

Яке аз онҳо парвардаи деҳаи хушобуҳавои Ӯхм Ҷӯрабек Йӯлдошев мебошад, ки ҳанӯз аз даври бачагӣ бо созу мусиқӣ ошноӣ дошт. Падараш омӯзгори собиқадор – Сарабек Йӯлдошев ва модари раҳматиаш – холаи Баҳрия аз ҳунарнамоиҳои Ҷӯрабеки овозхон дар саҳнаҳои тӯю сур, маҳфилу базмҳои гуногун, ба қавле, курта-курта гӯшт мегирифтанд. Аҷаб нест, ки ба ӯ, ба хотири он, ки мисли устоди ҳунар Ҷӯрабеки Мурод ҳунарманд шавад, ин номро ниҳода бошанд.

Ҷӯрабек чанд сол қабл ҷавонони болаёқатеро, ки ба ҳунари навозандагиву сарояндагӣ сарукор доштанд, муттаҳид намуда бо номи «Парандоз» гурӯҳе таъсис дод. Онҳо ҳамаи созҳои мусиқиро навохта метавонанд. Ҳоло узви даста Қувончбек дар мактаб аз фанни мусиқӣ дарс медиҳад. Ҷӯрабек аз зумраи овозхонҳоест, ки оҳангу сурудро хуб дарк менамояд. Дилбастагӣ ба ҳунар буд, ки ӯро ба шаҳрҳои гуногун бурд. Дар чорабиниву маҳфилҳое, ки Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони вилояти Ҷиззах баргузор мекунад, мунтазам ширкат ҷуста, дили иштирокдоронро бо сурудҳои дилнишин болида месозад. Борҳо бо ифтихорномаҳо ва туҳфаҳои арзанда сарфароз гардонда шудааст.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
*Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.*

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-425. Адади нашр 4864 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
А. Субҳонов.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 01.30

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.